ҚУДРАТОВ К., ИСКАНДАРОВ Қ.

# ТАЪРИХИ АФҒОНИСТОН

(БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ-МЕТОДӢ)



ДУШАНБЕ-2023

ҚУДРАТОВ К., ИСКАНДАРОВ Қ.

# ТАЪРИХИ АФҒОНИСТОН

## (1500-1919)

БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ-МЕТОДӢ




ДУШАНБЕ-2023

**УДК 94 (581)**
**ББК 63.3 (5Афг)**
**К-88, И-86**

**Барномаи таълимӣ-методии “Таърихи Афғонистон (1500-1919)” дар Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳия гардидааст.**

**Таҳиягарон: н.и.т., дотсент Қудратов К.,**
**д.и.т., профессор Искандаров Қ.**

**Муқарризон: д.и.т., проф. Маҳмадшоев Р.,**
**д.и.т., проф. Мирзоев Н.**

**Қудратов К., Искандаров Қ. Таърихи Афғонистон (1500-1919). Барномаи таълимӣ-методӣ / Қудратов К., Искандаров Қ. / – Душанбе, 2023, 75 с.**

**Барномаи таълимӣ-методии “Таърихи Афғонистон (1500-1919)” барои донишҷӯёну магистрантон ва докторантону унвонҷӯёни ихтисосҳои таърих ва муносибатҳои байналхалқии донишкадаву донишгоҳҳои олӣ ва институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ пешбинӣ шудааст.**

**Барномаи таълимӣ-методии “Таърихи Афғонистон (1500-1919)” бо қарори Шурои олимони Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 04/04/2023, №03 ба нашр тавсия гардидааст.**

**© Қудратов К., Искандаров Қ.**

## САРСУХАН

Барномаи таълимӣ-методии "Таърихи Афғонистон (1500-1919)" барои донишҷӯёну магистрантон ва докторантону унвонҷӯёни ихтисосҳои таърих ва муносибатҳои байналхалқии донишкадаву донишгоҳҳои олӣ ва институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ пешбинӣ шудааст.

Барномаи таълимӣ-методии мазкур давраи нави таърихи Афғонистонро дар бар мегирад. Дар чаҳорчӯби ин барнома таърихи Афғонистон аз оғози давраи нав (аз соли 1500) то истиқлолият ба даст овардани он (то соли 1919) омӯхта мешавад.

Дигаргуниҳои сохторие, ки дар ин давра дар таърихи Афғонистон ба амал омадаанд, ба раванди рушди таърихии минбаъдаи на танҳо Афғонистон, балки минтақа низ бетаъсир набудаанд. Ақаллиятҳои гуногуни этникии Афғонистон дар рафти ҳодисаҳои гуногуни таърихӣ дар якҷоягӣ тавонистаанд вобастагии сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии худро аз кишварҳои Осиё ва Аврупо бартараф созанд, истиқлолияти давлатии худро таъмин намоянд, роҳи ҳаёти мустақилона ва тараққиёти озоду мустақилро интихоб кунанд.

Барномаи таълимӣ-методӣ дар заминаи сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ва маводҳои илмӣ, мутобиқ ба даврабандии давраи нави таърихи Афғонистон, тартиб дода шуда, равандҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ, сиёсӣ-иҷимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеаи Афғонистонро аз оғози асри XVI то ибтидои асри XX дар бар мегирад.

Мақсади асосии барномаи таълимӣ-методии "Таърихи Афғонистон (1500-1919)" озмӯзиш ва аз худ кардани мазмуну мундариҷаи таърихи ин кишвар ва натиҷагирӣ аз он буда, бо истифода аз методҳои таҳқиқотии илмии муосир, ба монанди дар муқоиса омӯхтан ва таҳлил кардани таърихи Афғонистон, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии Афғонистон дар қиёс бо

дигар кишварҳои Осиё ва Африқо дар давраи нави таърих, муайян карда шудааст.

Омӯзиши таърихи Афғонистон имкон медиҳад, ки донишҷӯён донишҳои муайяни бунёдӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи илми замони муосирро дар бораи таърихи кишварҳои Осиё ва Африқо, аз ҷумла Афғонистон, аз худ намоянд. Инчунин, дар заминаи барномаи мазкур донишҷӯ метавонад нуқтаи назари худро оид ба масъалаҳои мубрами таърихи нави Афғонистон ва минтақа ташаккул диҳад.

Омӯзиши давраи нави таърихи Афғонистон дар асоси ин барнома бо назардошти пререквизитҳо ва постреквизитҳо ба назар гирифта шудааст.

Пререквизитҳо: фанҳои дар курсҳои поёнӣ азхудкардаи донишҷӯён – Таърихи дунёи қадим ва асрҳои миёнаи халқи тоҷик, Таърихи дунёи қадим ва асрҳои миёнаи кившарҳои Осиё ва Африқо, Таърихи дунёи қадим ва асрҳои миёнаи кишварҳои Аврупо ва Амрико.

Постреквизитҳо: фанҳои дар курсҳои болоӣ омӯхташавандаи донишҷӯён – Таърихи нави кишварҳои Осиё ва Африқо, Таърихи нави кишварҳои Аврупо ва Амрико, Таърихи муносибатҳои байналхалқӣ ва ғайра.

Хусусияти дигари барнома дар он аст, ки аслҳои "Авромарказият", "Осиёикунонӣ" ва равандҳои таърихӣ-фарҳангии давраҳои нав ва навин, инчунин бунёдгароӣ дар азхудкунии таърихи сиёсиву фарҳангии Шарқ истифода бурда нашудааст.

Мавзуъҳо ва шарҳи онҳо маҳаки интихоби мазмун, мундариҷа ва маводи барномаи таълимӣ-методиро ташкил медиҳанд ва барномаи мазкур аз сарсухан, номгӯйи мавзуъҳо, хулоса, рӯйхатти адабиёт ва харитаҳо иборат мебошад.

## 1. АФҒОНҲО ВА АФҒОНИСТОН ДАР ОСТОНАИ ДАВРАИ НАВИ ТАЪРИХ

Оғози давраи нави таърихи Афғонистон ва вобастагии он бо Зуҳуриддин Муҳаммад Бобур. Малики Фарғона таъин шудани Бобур. Темуриҳо ва ҷангҳои дарборӣ. Бобур ва Муҳаммад Шайбонӣ. Оворагардии Бобур дар Осиёи Миёна.

Осиёи Миёнаро тарк кардани Бобур ва ба Хуросон омадани ӯ. Султон Ҳусейн Бойқаро ва мулкҳои ӯ. Хусравшоҳ. Ҳаракати Муҳаммад Шайбонӣ ба самти Афғонистон. Бобур ва наздикшавии ӯ ба дарвозаҳои Кобул. Дар атрофи Бобур ҷамъ омадани хонҳои маҳаллӣ. Кобул ва ҳукмронии малик Муқим – фарзанди Зуннунбеки Арғун. Ба Кобул сар даровардан ва Кобулро ба даст овардани Бобур. Аз ҳокимият даст кашидани Муқим ва роҳи Қандаҳорро пеш гирифтани ӯ.

Кӯч бастани аҳолӣ аз Самарқанду Ҳисор ба мулкҳои Бобур. Бобур ва юришҳои ӯ. Султон Ҳусейн Бойқаро ва даъвати ӯ аз темуриҳо дар мубориза якҷоя бар зидди Муҳаммад Шайбонӣ. Самти юришҳои худро иваз намудани Бобур. Ноумед гардидани Бобур дар мубориза бар зиддӣ Муҳаммад Шайбонӣ. Ба самти Қандаҳор пеш рафтан ва онро ба даст овардани Бобур. Ҳокими Қандаҳор таъин гардидани Носирмирзо.

Муҳаммад Шайбонӣ ва Қандаҳор. Ба самти Ҳинд пеш рафтани Бобур. Муҳаммад Шайбонӣ ва Арғунҳо. Шоҳ Исмоили Сафавӣ ва Муҳаммад Шайбониву Бобур. Охирин кӯшиши Бобур барои барқарор кардани ҳокимияти Темуриҳо дар Осиёи Миёна ва даст кашидани ӯ аз ин мақсад. Майлу рағбати худро ба самти Ҳинд нигаронидани Бобур. Қӯшунҳои Бобур ва тӯпчӣ Устод Алӣ. Қандаҳор ва атрофи онро пурра ба даст овардани Бобур.

## 2. БОБУР ВА АФҒОНҲО

Бобур ва мулкҳои қабилаҳои афғон. Бобур ва ҳаракати он ба Пешовар (Баграм). Бобур ва ҳуҷуми ӯ ба Кӯҳот, Бангаш ва Банну. Тасвири Бангаш (Курам) дар навиштаҳои Бобур. Таҳти ҳуҷуми ғоратгаронаи Бобур қарор гирифтани қабилаҳои афғон. Камӣ надоштани Бобур аз Чингизхон ва Темурланг. Бобур ва

озодихоҳии қабилаҳои афғон. Бобур ва андозситонӣ аз қабилаҳои афғон. Бобур ва қабилаҳои дилозак ва юсуфзай. Иштироки Бобур дар ҷанги байниҳамдигарии қабилаҳои афғон. Бобур ва пешвои қабилаи юсуфзай малик Аҳмад. Пуштибонии Бобур аз қабилаи юсуфзай. Бобур ва бародари малик Аҳмад - Шоҳ Мансур. Бобур ва Биби Муборак. Бобур ва иттифоқи ӯ бо қабилаҳои дилозак, юсуфзай ва муҳаммадзай. Бобур ва ҳуҷуми ӯ ба Ҳинд. Бобур ва қабилаҳои афғонтабори Ҳинд. Қабилаҳои афғонтабори Ҳинд ва султон Иброҳими Лӯдӣ. Вазъи дохилии Ҳинд ҳангоми ҳуҷуми Бобур.

## 3. ИСТИЛОИ ҲИНД ВА МАРГИ БОБУР

Ба Балх сар даровардани узбакҳо. Пеши роҳи ҳуҷуми узбакҳоро гирифтани Бобур. Бо қӯшунҳои худ ба самти Ҳинд равон шудани Бобур. Ворид шудани Бобур ба Панҷоб. Деҳлиро ишғол намудани Бобур. Муҳорибаи Панипат. Иброҳими Лӯдӣ ва марги ӯ. Истилои Деҳлӣ, Агра ва саркӯб карда шудани феодалони афғон ва Раҷпут. Ишғоли Биҳор ва Мултон.

Дар Ҳинд Ҳумоюнро малик таъин намудани Бобур ва баргаштани ӯ ба Кобул. Марги Бобур дар Агра. Васияти Бобур пеш аз марг. Бобур ва ёддоштҳои ӯ. Ёддоштҳои Бобур ва арзиши он ҳамчун сарчашмаи таърихӣ. Ба Хуросон сар даровардани Сафавиҳо. Ба яке аз вилоятҳои давлати Сафавиҳо табдил гардидани Хуросон. Муборизаи Сафавиҳо ва узбакҳои Шайбонӣ барои ба даст овардани ҳудудҳои Афғонистон.

## 4. МУБОРИЗАИ БОБУРИЁН ВА САФАВИҲО БАРОИ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ҚАНДАҲОР

Ба объекти муборизаҳои дуру дарози бобуриён ва сафавиҳо табдил гардидани Қандаҳор. Нақши Қандаҳор дар муносибатҳои иқтисодӣ ва стратегӣ. Ҳодисаи (рӯйдоди) Хуросон. Қандаҳорро аз сафавиҳо баргардонидани Комрон. Муборизаи Ҳумоюн ва Шерхон барои тахту тоҷи Ҳинд. Қалъаи Рӯҳтоз (Фохтас) ва ба даст оварда шудани он аз ҷониби Шерхон дар Биҳор. Тахти муғулҳоро соҳиб шудани Шерхон дар Ҳинд. Марги Шерхон ва оғози ҷангҳои дарборӣ. Ба Ҳинд баргаштани

Ҳумоюн ва аз нав барқарор гардидани сулолаи Бобуриён. Акбар ва фаъолияти ӯ дар Ҳинд.

Ҳуҷуми Таҳмоспи I ба Қандаҳор. Қандаҳорро соҳиб шудани Сафавиҳои Эрон. Гузаштани Қандаҳор ба дасти Сафавиён ва Бобуриён. Шоҳ Аббоси I, Шоҳ Ҷаҳон ва Алӣ Мардонхон. Шоҳ Ҷаҳон ва юришҳои ӯ. Ба нокомӣ анҷом ёфтани юришҳои Шоҳ Ҷаҳон ба Осиёи Миёна. Натиҷаҳои юришҳои Шоҳ Ҷаҳон.

## 5. ШАҶАРАИ ҚАБИЛАҲОИ АФҒОН

Шаҷараи қабилаҳои афғон. Сарчашмаҳои таърихӣ оид ба шаҷараи қабилаҳои афғон. Тақсимбандии қабилаҳои афғон. "Сарбан", Батан, Ғарғашт ва Карлон. Абдуррашид (Патан, Қайс) – падаркалони қавми афғон. Қайс ва фарзандони ӯ – Сарбан, Шархбун ва Харшбун. Сарбаниҳо ва шохаҳои ғарбиву шарқии онҳо. Пайдоиши шохаи Карлониҳо.

Асотирҳо оид ба пайдоиши миллати афғон (пашту). Алоқамандии миллати пашту (афғон) бо миллати яҳуд (ҷуҳуд). Таҳлил ва баррасии алоқамандии миллати афғон бо миллати яҳуд аз ҷониби олимони аврупоӣ. Ақидаи олими рус В. В. Григорев оид ба алоқамандии миллати афғон бо миллати яҳуд. Ёддошҳои Бобур дар "Бобурнома" оид ба қабилаҳои афғон. Бобурнома ҳамчун сарчашмаи таърихӣ оид ба ҷуғрофиёи қабилаҳои афғон. Сарчашмаҳои форсӣ оид ба шаҷараи қабилаҳои афғон.

## 6. МАСОИЛИ ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДИИ ҚАБИЛАҲОИ АФҒОН ДАР АСРҲОИ XVI-XVII

Заминдорӣ ва чорводории кӯчманчиёнаи баъзе аз қабилаҳои афғон. Сарчашмаҳои таърихӣ оид ба ҳаёти иҷтимоии қабилаҳои афғон. «Бобурнома», «Оини Акбарӣ», «Ёддоштҳо»-и Ричард Стил. Масъалаи гузариши қабилаҳои афғон ба феодализм. Сохти падаршоҳии қабилаҳои афғон. Охунди Дарвеза ва масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии қабилаҳои афғон. Маълумотҳои Исфизор оид ба масоили иҷтимоии баъзе қабилаҳои афғон. Ёддоштҳои Муҳаммад Ҳаётхон оид ба вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии қабилаҳои афғон. Ҷирга. Меҳмонсаройҳо

ва нақши онҳо дар байни қабилаҳои афғон. Замин ва масоили заминдорӣ дар байни қабилаҳои афғон. Оини заминдории «веш». Сохти хоҷагидорӣ дар байни қабилаҳои афғон.

## 7. БОЯЗИДИ АНСОРӢ ВА ҲАРАКАТИ «РӮШАНӢ» («РӮШОНӢ»)

Пойдор шудани муносибатҳои феодалӣ ва пайдоиши нобаробарии иҷтимоӣ дар байни қабилаҳои афғон. Бархурди табақаҳои иҷтимоии ҷомеа. Пайдошавии мухолифин. Вазъи ҳукуматдорони муғулҳои бузург ва аъёну ашрофи қабилаҳои афғон. Ҳаракати халқии Рӯшанӣ ва Боязиди Ансорӣ. Боязиди Ансорӣ ва баромади иҷтимоии ӯ. Боязиди Ансорӣ ва ҷаҳонбинии динии ӯ. Боязид ва пайравони ӯ. Дар таҳлука афтодани Мирзомуҳаммад Ҳоким – ноиби шоҳи Муғулҳои Бузург дар Кобул. Фаридун ва Боязиди Ансорӣ. Боязиди Ансорӣ ва зиёд шудани тарафдорони ҳаракати Рӯшанӣ. Ба амалиёт гузаштани Боязид. Боязиди Ансорӣ ва Охунд Дарвеза. Пир Бобо ва Пири Тариқат.

«Махзани калон» ва «Тазкират-ул-аброр вал ашъор» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ. Охунди Дарвеза ва ақидаи ӯ. Асланов М. Г. ва тадқиқоти ӯ оид ба ҳаракати Рӯшанӣ. «Мунтахаб-ут-таворих»-и Абдулқодири Бадаонӣ оид ба ҳаракати Рӯшанӣ. «Таърихи Муросо»-и Афзалхони Хаттак.

Сохти дохилӣ ва ғояи ҳаракати Рӯшанӣ. Марги Боязиди Ансорӣ ва ғояи ӯро идома додани фарзандонаш. Мунокишаи Шайх Умар бо пешвои юсуфзайиҳо – Хамса. Муҳорибаи деҳаи Бар. Шоҳ Акбар ва Ҷалолуддин. Роҳбари ҳаракати Рӯшанӣ таъин гардидани Ҷалолуддин. Авҷ гирифтани зиддияти муносибатҳои қабилаҳои афғон ва Муғулҳои Бузург (Бобуриён). Пурзӯр гардидани таъсири шоҳ Акбар бар баъзе аз қабилаҳои афғон. Шоҳ Акбар ва афзудани нуфузи ӯ дар минтақа. Бархурдҳои рӯшаниҳо ва намояндагони шоҳ Акбар. Юришҳои шоҳ Акбар ва амалдорони ӯ ба мулкҳои қабилаҳои афғон. Муборизаи минбаъдаи афғонҳо таҳти ғояи ҳаракати Рӯшанӣ.

Эҳдод ва Биби Олой. Шоҳбек ва Муҳаббатхон. Муҳорибаи ағбаи Сампаг. Абдулқодир ва бартарият пайдо намудани ӯ дар мубориза бар зидди ноибони Муғулҳои бузург дар Кобул ва

Пешовар. Биби Олой ва Абдулқодирро асир гирифтани Саидхон. Заволи ҳаракати Рӯшанӣ. Охирин роҳбари ҳаракати Рӯшанӣ таъин гардидани Каримдод. Ҳаракати Рӯшанӣ ва нақши он дар муборизаи озодихоҳонаи миллати афғон. Нақш ва мавқеи ҳаракати Рӯшанӣ дар таърихи Афғонистон.

## 8. ШОҲИГАРИИ ХАТТАК.<br>ХУШҲОЛХОН ВА ШӮРИШИ СОЛҲОИ 1672-1675

Роҳи тиҷоратии Лаҳор ва Кобул. Роҳзанҳо ва Малик Чинзо. Малик Оқорӯй (Акора). Малик Оқоруй ва муносибати ӯ бо шоҳ Акбар. Оқорӯй ва асос гузоштани ӯ шаҳраки Оқорӯ ва Шоҳигарии Хаттакро. Оқорӯй ва фарзандаш Яҳёхон ва набераащ Шаҳбозхон. Ба боварии Шоҳ Ҷаҳон даромадани Шаҳбозхон. Мунокишаи қабилаи юсуфзайиҳо бо Шаҳбозхон.

Ҳокими Хаттак таъин гардидани Хушҳолхон ва эътирофи ӯ аз ҷониби Шоҳ Ҷаҳон. Гузаронидани ислоҳоти замин ва муайян кадани сарҳадҳои Шоҳигарии Хаттак аз тарафи Хушҳолхон. Аврангзеб ва вафодории Хушҳолхон нисбат ба ӯ. Хушҳолхонро ба асорат гирифтани Аврангзеб ва аз асирӣ озод шудани ӯ.

Тезу тунд шудани муносибати қабилҳои афғон нисбат ба сиёсати пешгирифтаи шоҳ Аврангзеб. Муборизаи озодихоҳонаи қабилаҳои афғон таҳти роҳбарии Хушҳолхон. Муборизаи Хушҳолхон на танҳо бо шамшер, инчунин бо қалам.

Оғоз ёфтани муборизаи юсуфзайиҳо бар зидди муғулҳо. Муборизаи умумимиллии паштунҳо. Ба муборизаи зидди қабилаи афғон ҳамроҳ шудани малики Кобул Аминхон. Табдил ёфтани муборизаи қабилаҳои афғон ба шӯриш. Аз тарафи Аврангзеб ба сифати ҳоким таъин гардидани Муҳаббатхон ба ҷои Аминхон. Натиҷаи хуб надодани ивазкунии маликҳо. Ҳамроҳ шудани Аврангзеб дар мубориза бар зидди шӯришгарон. Ба даст овардани роҳҳои корвонгузар. Таъмини бехатарӣ дар роҳҳои корвонгузар.

Хислати шӯриши солҳои 1672-1675. Натиҷаҳои шӯриш. Хушҳолхон ва нақши ӯ дар шӯриш. Хушҳолхон ва фарзандони ӯ Ашраф ва Баҳром дар идомаи муборизаи озодихоҳӣ ва соҳибистиқлолӣ.

Аввалин маълумот оид ба афғонҳо дар сарчашмаҳои русӣ. Ёддоштҳои сафорати Василий Александрович Даудов оиди ҷанги қабилаҳои афғон бо Аврангзеб.

## 9. ХУШҲОЛХОНИ ХАТТАК ВА АДАБИЁТИ АСРҲОИ XVI-XVII АФҒОН

Назми адабиёти афғон ва давраи гулгулшукуфии он. Ҳаёт ва эҷодиёти Хушҳолхон. Хушҳолхон – падари адабиёти афғон. Моргенсторне Г. ва таҳқиқи эҷодиёти Хушҳолхон. Хушҳолхон ва ғояҳои озодихоҳӣ. Вижагиҳои эҷодиёти Хушҳолхон. Асарҳои офаридаи Хушҳолхон – "Дастурнома", "Девон", "Шоир ва шеър", "Бознома" ва ғайра.

Рушди назму насри адабиёти афғон дар асрҳои XVI-XVII. Боязиди Ансорӣ ва осори ӯ. Шоир Мулло Арзонӣ. Шоир Мирзохон Ансорӣ (набераи Б. Ансорӣ). Шоир Абдурраҳмонхон.

## 10. СОҲИБИХТИЁР ГАРДИДАНИ ҒИЛҶОИҲО ДАР ҚАНДАҲОР ВА АБДОЛИҲО ДАР ҲИРОТ

Шароити дохилии бунёди давлати афғонҳо. Заминаҳои ба ҳам омадани қабилаҳои афғон. Вазъи берунаи давр. Суст шудани пояҳои давлатдории Муғулҳои бузург. Шӯриши соли 1725. «Латоиф-ал-ахбор» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ. Заволи иқтисод ва сиёсати давлати Сафавиҳо. Шӯришҳои умумихалқӣ. Соҳибихтиёр гардидани ғилҷоиҳо дар Қандаҳор ва абдолиҳо дар Ҳирот.

Ҳокими Қандаҳор таъин шудани намояндаи Сафавиҳо Абдуллохон ва Гургинхон. Шӯриши ғилҷоиҳо таҳти роҳбари Мир Вайс. Мир Вайс ва боздиди ӯ аз Макка. Ташкилёбии давлати мустақили ғилҷоиҳо таҳти роҳбарии Мир Вайс. Кӯшишҳои Сафавиҳо таҳти роҳбарии Кай Хусрав (Хусрави Мирзо, хоҳарзодаи Гургинхон) барои ба даст овардани Қандаҳор. Аҳаммияти шӯриши соли 1709 дар таърихи мардуми афғон. Шӯриши соли 1716 дар Ҳирот. Ба Ҳирот омадани Абдуллохони Садузай бо писараш Асадуллоҳи Садузай. Шӯриши соли 1716. Ба маркази мулкҳои соҳибихтиёри абдолиҳо табдил ёфтани Ҳирот. Таҳти ҳуҷуми ғилҷоиҳо қарор

гирифтани Ҳирот. Ҳиротро ба Қандаҳор ҳамроҳ кардани Маҳмуд (писари Мир Вайс).

## 11. ФОТЕҲОНИ АФҒОН ДАР ЭРОН

Юришҳои Маҳмуд ба Исфаҳон. Ворид шудани артиши Маҳмуд ба Исфаҳон. Исфаҳонро ба муҳосира гирифтани афғонҳо. Тоҷи шоҳиро ба Маҳмуд супоридани шоҳ Султон Ҳусейн. Шоҳи Эрон эълон гардидани Маҳмуд. Муборизаи мардуми Эрон бар зидди афғонҳо ва туркҳо. Кушта шудани Маҳмуд ва шоҳ интихоб шудани бародари ӯ Ашраф. Муборизаи афғонҳо бар зидди туркҳо ва қӯшунҳои Нодиршоҳи Афшор. Даст кашидани Ҳусейн – ҳокими Қандаҳор аз корҳои дохилии Эрон ва мустаҳкам гардидани ҳукумати ӯ дар Қандаҳор. Мустаҳкам гардидани мавқеи Нодиршоҳи Афшор дар Эрон ва муборизаи ӯ бар зидди зулми бегонагон.

## 12. НОДИРШОҲИ АФШОР ВА АФҒОНҲО

Ба Ҳирот лашкар кашидани Нодир. Омодагии пешвоёни қабилаи абдолӣ ба ҷанги зидди Нодир. Аллаёрхон ва Зулфиқорхон дар муҳорибаи назди қалъаи Кофир. Баста шудани шартномаи сулҳи соли 1729. Ба Исфаҳон раҳсипор шудани қӯшунҳои Нодиршоҳи Афшор. Бар зидди Нодиршоҳи Афшор ба Хуросон равона гардидани қӯшунҳои Ашраф. Саркӯб гардидани Ашраф ва роҳи гурезро пеш гирифтани ӯ. Ба шӯриши нав даст задани афғонҳо дар Ҳирот. Ҳиротро ба муҳосира гирифтани Нодиршоҳ. Аз байн бурдани хонҳои абдолӣ ва ба тахти Ҳирот нишастани Муҳаммадхони Марвӣ. Юриши Нодиршоҳ ба Қандаҳор. Қандаҳорро ба муҳосира гирифтани Нодиршоҳ. Таҳти идораи Нодиршоҳ ворид гардидани дигар мулкҳои қабилаҳои афғон. Қандаҳорро истило кардани бахтиёриҳои Эрон. Бо истилои Қандаҳор ба охир расидани шоҳигарии ғилҷоиҳо.

Сохти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии шоҳигарии ғилҷоиҳо. Ҷорӣ намудани ислоҳоти замин аз тарафи Нодиршоҳ дар Қандаҳор. Ҳокими Қандаҳор таъин гардидани Абдулғанихони Аликузай. Ба тобеияти Нодиршоҳ гузаштани ғилҷоиҳои шарқӣ,

ҳангоми юриши Нодиршоҳ ба Ҳинд. Сабабҳои ҳуҷуми Нодиршоҳ ба Ҳинд. Истило гардидани Ғазна, Кобул, Чорикор, Гандумак ва Ҷалолобод. Ба Ҳинд ворид гардидани Нодиршоҳ. Таслим шудани Муҳаммадшоҳи Бобурӣ дар назди Нодиршоҳ.

Дар тахти Деҳлӣ нигоҳ дошта шудани Муҳаммадшоҳ ва бар сари ӯ гузошта шудани тоҷи шоҳии Ҳинд. Аз тарафи Муҳаммадшоҳи Бобурӣ бар ивази тоҷи шоҳӣ тамоми мулкҳои ғарбии Ҳиндро, аз Кашмир, аз саргаҳи дарёи Ҳинд то резишгоҳи он ба уқёнуси Ҳинд, ба Нодиршоҳ додани ӯ.

Ба ҳайати давлати Нодиршоҳ ҳамроҳ гардидани тамоми мулкҳои қабилаҳои афғон. Натиҷаҳои забткориҳои Нодиршоҳ. Шӯриши қабилаҳои афғон. Ҳуҷумҳои Нодиршоҳ ба Шимолу Ғарб ва барзиёд ситонидани андозҳо аз аҳолӣ. Шӯришҳои мардумӣ дар муқобили сиёсати андозгирии Нодиршоҳ. Маҳрум гардидани Нодиршоҳ аз дастгирии феодалон. Пурзӯр гардидани муборизаи қабилаҳои афғон дар муқобили Нодиршоҳ. Заволи ҳокимияти хунини Нодиршоҳ ва муттаҳид шудани қабилаҳои афғон дар мубориза барои таъсиси давлат.

## 13. БА ҚУДРАТ РАСИДАНИ АҲМАДХОН

Бунёд гардидани давлати афғонҳо дар харобаҳои давлати ташкилкардаи Нодиршоҳ. Аз Эрон ба Қандаҳор баргаштани қӯшунҳои афғон. Даъвати ҷирга барои интихоби шоҳ дар Қандаҳор. Интихоби Аҳмадхон ба сифати шоҳи Афғонистон дар ҷиргаи сардорони қабилаҳои афғон. Нақши сардори рӯҳониёни афғонҳо – Собиршоҳ дар интихоби шоҳ Аҳмадхон. Сабабҳои интихоби Аҳмадхон ба сифати шоҳи давлати навтаъсис.

## 14. ВИЖАГИҲОИ АСОСИИ ДАВЛАТИ АФҒОНҲО

Аҳмадшоҳ ва бартарӣ пайдо кардани хонҳои абдолӣ дар идораи давлат. Номи дурраниҳоро гирифтани қабилаи абдолӣ. Ҳокимияти Аҳмадшоҳро эътироф кардани хонҳои мулкҳои Кобул, Ғазна, Пешовар ва дигар қабилаҳои афғон. Омилҳои дохилӣ ва хориҷии муттаҳидшавии қабилаҳои афғон. Сохти давлати Дурраниён.

## 15. НИЗОМИ ИДОРӢ ВА ТАШКИЛОТИ ҲАРБИИ ДАВЛАТИ ДУРРОНИЁН

Сохти маъмуриву ҳудудии давлати афғонҳо. Ҳокимони вилоятҳо ва таъини онҳо. Аҳмадшоҳ ва муносибати ӯ бо пешвоёни қабилаҳои афғон. Нақши Ҷирга дар ҳалли масъалаҳои давлатӣ. Аъёну ашроф ва масъалаи таъини ворис. Нақши вазир дар идораи давлати Дурроният. Идораҳои давлатӣ ва нақши онҳо. “Девон-ал-муставфӣ”, “Дор-ул-иншо”, “Урдубошӣ”, “Дафтари низом” ва ғайра. Низоми додгоҳии давлати афғон. Қонуни асосӣ ва дини ҳокими давлати афғонҳо. Шаклҳои андоз ва тарзи ҷамъоварии он. Қудрати низомии Аҳмадшоҳ. Қӯшунҳои доимамалкунанда ва давлатӣ. Сохти ташкилоти низомии (ҳарбии) Дурроният. Диққати асосиро ба артилерия додани Аҳмадшоҳ. Истифода бурдани занбарак[1] (аслиҳаи ҷангӣ) Идораи қӯшунҳои Аҳмадшоҳ: сипаҳсолор ва дафтари низом. Муҳтасиб ва иҷрои қонуни шариат.

## 16. ЗАБТКОРИҲОИ АҲМАДШОҲ

Ҳунари ҷангии афғонҳо ва ташкили низоми артиш. Ҳуҷуми Аҳмадшоҳ ба кишварҳои ҳамсоя. Бархурди Аҳмадшоҳ бо Муғулҳои Бузург. Ҳуҷуми Аҳмадшоҳ ба Панҷоб. Ҳинди Шимолӣ ва бархурди маратхҳо бо Аҳмадшоҳ. Воридшавии Аҳмадшоҳ ба шимоли Ҳинд ва ташкилёбии иттифоқи Аҳмадшоҳ бо хонҳои мусулмони шимоли Ҳинд. Шикаст хурдани маратхҳо ва кушта шудани Синдия. Сардори артиши маратхҳо таъин гардидани Садошери Бхао ва ташкили “Артиши бузург”. Деҳлиро ишғол кардани “Артиши бузург”. Бархурди қӯшунҳои Аҳмадшоҳ бо “Артиши бузург”. Муҳорибаи Панипат. Натиҷаҳои шикаст хурдани «Артиши бузург».

Аз Ҳинд баргаштани Аҳмадшоҳ. Дар шимоли Ҳинд ва Панҷоб нуфуз пайдо кардани сикхҳо. Мубориза сикхҳо бо Аҳмадшоҳ ва феодалони маҳаллӣ. Сарҳиндро соҳиб гардидани сикхҳо ва дар Амритсар эълон доштани давлати сикхҳо. Баъд аз

[1] Занбарак (занбӯрак) – тӯпи хурди љангие, ки дар замонҳои пеш ба шутур бор карда аз як ҷой ба ҷойи дигар мебурданд.

марги Нодиршоҳ Машҳадро ба худ тобеъ намудани Аҳмадшоҳ. Истило гардидани Шервон, Кугон ва дигар шаҳрҳои Хуросон. Истило гардидани хонигариҳои соҳили чапи дарёи Аму: Балх, Қундуз, Шибирғон, Маймана ва Андхуй. Натиҷаҳои забткориҳои Аҳмадшоҳ.

Ҳайати этникии давлати Дурронҳо. Муомилоти пулии Афғонистон. Сохти хазинадорӣ ва сатҳи иҷтимоиву иқтисодии Афғонистон. Аҳаммияти таърихии ташкили хонигариҳои Қандаҳору Ҳирот ва Кобул. Пайдоиши унсурҳои хоси миллат: фарҳанг, расму русум, адабиёт, санъат ва худшиносии миллӣ.

## 17. ҚАБИЛАҲОИ АФҒОН ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XVIII ВА НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XIX

Қабилаҳои муқимӣ ва бодиянишин. Фарқият дар фаъолияти хоҷагидории онҳо. Теъдоди қабилаҳои афғон ва гурӯҳҳои мустақили авлодӣ-қабилавӣ. Тақсими қабила ба гурӯҳҳои авлодӣ ва ягонаи генеалогӣ, диалектикӣ, анъанавӣ ва таърихӣ дар байни онҳо. Аз байн рафтани тақсими қабила ба шохаҳои гуногун дар миёни баъзе қабилаҳои афғон. Қабилаи дурронҳо (абдолиҳо) дар нимаи дувуми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX. Қабилаҳои ғайриафғон (ҳамсоя, тоҷикон) дар Афғонистон. Даҳ қабилаи асосии афғон: баракзай (борикзай), курзай, ғилҷоӣ, юсуфзай, вазирӣ, мумандӣ, афридӣ, ачикзай, ҷадрон ва кокарҳо. Қабилаҳои афғонии соҳили рости дарёи Ҳинд: миёхел, гандапур, устуронӣ, бобуриҳо ва марват. Гӯруҳбандии қабилаҳои афғон.

## 18. ТАРАҚҚИЁТИ ФЕОДАЛИЗМ ДАР МИЁНИ ҚАБИЛАҲОИ АФҒОН

Хусусияти хоси сохти ҷамъиятии афғонҳо. И.М. Рейснер ва саҳми он дар омӯзиши тараққиёти муносибатҳои феодалӣ дар миёни қабилаҳои афғон. Барҳамхурии ҷомеаи авлодӣ ва молу мулки умумӣ (коллективӣ). Зиёд шудани шумораи истисморшавандагони феодалӣ ва аҳолии беҳуқуқи ғайриафғон (раъияти ҳамсоя – тоҷикон, узбак, ҳазора ва ғ.). Зиёд шудани нобаробарӣ дар миёни қабилаҳои афғон. Ташаннуҷи

муносибатҳо дар байни аҳолӣ ва аъёну ашрофи қабилаҳо. Тараққиёти феодализм дар байни қабилаҳои афғонии соҳили рости дарёи Ҳинд.

Рӯҳониёни мусулмон ва ба меросгузории иттиҳодияи “шахсони муқаддас” (саййидиҳо). Густариш ёфтани синфи феодал аз ҳисоби қабилаҳои пашту дар давлати Дуррониён. Феодализм ва ҳукумати хонҳои маҳаллӣ. Ҳукумати хонҳои маҳаллӣ ва хислати риёкории онҳо (дурӯягии онҳо). Муносибатҳои феодалонаи қабилаҳои афғон бо қабилаҳои ғайриафғон (ҳамсоя). Боқӣ мондани боқимондаҳои муносибатҳои авлодиву-қабилавӣ дар миёни қабилаҳои пашту. Нобаробар тараққӣ ёфтани феодализм дар давлати Афғонистон. Ворид гардидани дигаргуниҳои феодалӣ ба анъанаҳои куҳнаи қабилаҳои афғон. Бо густариш ёфтани феодализм нақши асосии худро гум кардани “аҳли ҷирга” ва нуфуз пайдо кардани “ҷиргаи маликон”. Ф. Энгелс ва феодализми афғон.

## 19. БАЪЗЕ АЗ АНЪАНАҲОИ АФҒОНҲО

Меҳмоннавозии афғонҳо ва қонуни Паштунвалай. Меҳмон ва соҳибхона. Афғонҳо ва кӯшк, масҷид ва меҳмонхона. Меҳмонхона, оташхона, ҳуҷра ва нақши онҳо дар ҳаёти мардуми афғон. Ҷирга – маҷлисҳои маҳаллӣ ва нақши он дар ҳалли масоили иҷтимоиву ҷамъиятӣ. Ҷирга ва рафти он. Аҳаммияти ҷирга, вазифаҳои он ва дараҷаи таъсири он дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Афғонистон.

## 20. ТАРАҚҚИЁТИ ФЕОДАЛИЗМ ДАР БАЙНИ БАЪЗЕ АЗ ҚАБИЛАҲОИ АФҒОН

Тараққиёти нобаробари феодализм дар байни қабилаҳои афғон. Боқӣ мондани худидоракунии авлодӣ (қабилавӣ) дар байни баъзе қабилаҳои афғон. Феодализм ва вобастагии як қабила ба қабилаи дигар. Дараҷаи тараққиёти феодализм дар байни қабилаҳои афғон.

Аҳмадшоҳ ва нақши ӯ дар тараққиёти феодализм. Сиёсати замин ва андозбандии Аҳмадшоҳ. Муносибатҳои феодалӣ дар

байни қабилаҳои дурронӣ ва ғилҷоӣ. Ғилҷоиҳо дар нимаи дувуми асри XVIII. Банузайҳо дар нимаи дувуми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX. Банузайҳо: иттиҳодияҳои тапна ва барҳам хурдани муносибатҳои авлодӣ. Банузайҳо ва ҳамсоягони онҳо – марватҳо. Марватҳо ва ҳаёти рӯзмарраи онҳо. Марватҳо ва муносибати онҳо бо замин.

## 21. АНЪАНАИ ТАҚСИМИ ЗАМИН ВА ТАБИАТИ (ХИСЛАТИ) ҶОМЕАИ МАРВАТҲО ВА ЮСУФЗАЙҲО

Замин ва муносибатҳои заминдорӣ дар байни марватҳо. Тақсими замин аз рӯйи “веш” (анъанаи заминтақсимкунӣ). Ҳисоботи Бекетт оиди “веш”, “канди” – маҳаллаҳои авлодии юсуфзайҳо. Анъанаи “веш” дар марватҳо ва кокарҳо. Аломатҳои умумии “веш”. Қабилаи марватҳо ва анъанаи веш дар солҳои 70–уми асри XIX.

Юсуфзайиҳо ва анъанаи тақсими замин. Мубодилаи замин ва хона дар байни юсуфзайиҳо. Свата - этнографи рус ва нодуруст шарҳ додани ӯ “веши мубодилавиро”. К.Маркс ва ҷомеаи афғонҳо. К. Маркс ва таҳлили хоҷагии деҳқонӣ. Хоҷагии юсуфзайҳо ва марватҳо. Замини корам ва коркарди он. Таркиби накшавии аҳолии вилоятҳои юсуфзайнишин. Шумораи умумии аҳолии заминҳои юсуфзайҳо.

Аҳволи косибон ва мулкҳои ҳунармандон дар мулкҳои юсуфзайиҳо. Юсуфзайиҳо ва ғуломдорӣ. Лэмсден ва ғуломдорӣ дар юсуфзайҳо. Нигоҳдории боқимондаҳои ғуломдорӣ ва феодаликунонии табақаҳои болоӣ. Фақирон ва заминдорӣ. Юсуфзайҳо ва аҳолии тобеи андоздиҳанда. Юсуфзайҳо ва андозсупорӣ. Истисмори аҳолии тобеъ ва ғуломон аз ҷониби хонҳо ва маликҳои юсуфзайиҳо. Пурзӯр шудани (қудрат ёфтани) феодалони калон.

Ташкилёбии хонигарии Дир. Қосимхон бунёдгузори хонигарии Дир. Қосимхон ва пурзӯр гардидани ҳокимияти ӯ. Хонигарии Дир ҳамчун давлати феодалӣ. Низоми заминдорӣ ва андозсупорӣ дар хонигарии Дир. Ғазанхон ва қароргоҳи ӯ.

## 22. ВАЗИРИҲО

Вазириҳо ва напазируфтани онҳо мутеияти (тобеияти) худро ба шоҳи садузайҳо. Машғул шудани вазириҳо ба чорводории кӯчӣ ва омезиш додани он бо заминдорӣ. Вазириҳо ва васеъ гардидани ҳудудҳои онҳо. Замин ва заминдорӣ дар байни вазириҳо. Сохти ҷамъиятии вазириҳо. Зиёдшавии нобаробарии молу мулкӣ дар байни қабилаҳои афғон бо ҷорӣ шудани пул дар муомилот ва равнақ ёфтани савдо.

## 23. ЗАВОЛИ ДАВЛАТИ ДУРРОНИҲО

Ноустувории давлати шоҳони садузайҳо ва сабабҳои он. Гузаргоҳи Хайбар ва аҳаммияти он. Тараққиёти феодализм ва зиёдшавии қувваҳои ҷудоихоҳ. Марказгурезии ҳокимони Дурронӣ. Нишонаҳои ноустувории ҳокимияти шоҳӣ. Марги Аҳмадшоҳ ва ба тахти шоҳӣ нишастани Темуршоҳ. Эълони Сулаймон ба сифати шоҳ. Қандаҳорро тарк кардани Сулаймоншоҳ ва ба қатл ҳукм гирифтани вазир Шоҳвалихон.

Хиёнати хонҳои исёнкор ва мубориза бурдани онҳо бар зидди Темуршоҳ. Лашкар ҷамъ кардани хонҳои исёнкор таҳти роҳбарии Абдулхолиқи Садузай. Аз Қандаҳор ба Кобул равон шудани артиши мухолифин. Дар ҷанг ғолиб баромадани Темуршоҳ. Аз Қандаҳор ба Кобул кӯчонидани пойтахт. Сабабҳои Кобулро пойтахт интихоб намудани Темуршоҳ. Темуршоҳ ва қӯшунҳои зархариди он. Темуршоҳ ва кӯшишҳои яккаҳукмронии ӯ. Суиқасд ва шӯриши хонҳои норозӣ аз сиёсати шоҳ. Мамлакати Дурրониҳо таҳти салтанати Темуршоҳ.

Иқтидори молӣ ва ҳарбии давлати Дурրониҳо. Вазъи хориҷӣ-сиёсии давлати Дурրониҳо. Темуршоҳ ва кӯшишҳои ӯ барои ба тобеияти худ даровардани хонигариҳои соҳили рости дарёи Ому. Марги Темуршоҳ ва ба тахти шоҳӣ нишастани писари панҷуми ӯ Замоншоҳ ва қудратро ба даст гирифтани ӯ. Тахтро нигоҳ доштани Замоншоҳ. Замоншоҳ ва муборизаи бародарони ӯ барои тахти шоҳӣ. Қудратмандӣ, ҷанговарӣ ва қатъияти худро нишон додани Замоншоҳ. Муборизаи Замоншоҳ бо қабила ва аъёну ашрафони дурронӣ.

Замоншоҳ ва юришҳои ӯ ба Ҳинд. Вазъи сиёсӣ ва байналхалқӣ дар Шарқи Миёна. Дар Ҳинд бо манфиатҳои англисҳо бархурдани Замоншоҳ. Дахолати англисҳо ба корҳои дохилии Афғонистон ва ҷалби шоҳи Эрон барои дастгирӣ кардани бародари Темуршоҳ – Маҳмуд. Бо истифода аз дастгирии хонҳои дурронӣ бар зидди Темуршоҳ суиқасд ташкил кардани Маҳмуд. Мубоизаи Темуршоҳ бар зидди суиқасдчиён.

## 24. ОХИРИН САДУЗАЙИҲО ВА АФЗОИШИ НУФУЗИ ФАТҲХОНИ БАРАКЗАЙ

Фатҳхон ва пайвастани ӯ бо Маҳмуд. Сарнагунии (суқути) Қандаҳор. Баргаштани Замоншоҳ аз Ҳинд ба Афғонистон ва сафарбар кардани артиши худ ба Қандаҳор. Ба тарафи Фатҳхон гузаштани Аҳмадхони Нурзай. Гурехтани Замоншоҳ ба Пешовар ва дастгир шудани он. Шоҳ эълон гардидани Маҳмуд. Вазирии Фатҳхон. Маҳмудшоҳро ҳамчун гумоштаи Қоҷорҳо қабул кардани мардум. Ба тахт нишастани Шоҳ Шуҷоъ

Аввалин кӯшишҳои англисҳо барои роҳ ёфтан ба Афғонистон. Нахустин сафорати Ширкати Ост–Индия (Ҳинди Шарқӣ) бо сардории Элфинстон ба дарбори Шоҳ Шуҷоъ. Мақсади сафорати Элфинстон ва бастани шартнома бо шоҳ Шуҷоъ. Шикасти Шоҳ Шуҷоъ аз тарафи бародараш Маҳмуд. Дубора вазир таъин гардидани Фатҳхон ва аз номи шоҳ идора кардани давлат. Сафорати Элфинстон оид ба омӯзиши Афғонистон.

Давраи ҳукумати дубораи Маҳмуд. Мубоизаи Фатҳхон бо худсариҳои аъёну ашроф. Ба итмом расидани ҷангҳои феодалӣ ва ба танзими андоз ба хазинаи шоҳ. Фатҳхон ва бародарони ӯ дар идораи давлат. Дӯстмуҳаммадхон ва наздикшавии ӯ ба дарбори шоҳӣ. Ба муттаҳидсозии мамлакат иқдом кардани Фатҳхон ва рӯи даст гирифтани нақшаи ҳуҷум ба Кашмир.

## 25. БАРХУРД БО СИКХҲО БАРОИ КАШМИР ВА АТТОК

Мустақил гардидани Кашмир. Итоат накардани Ато Муҳаммадхон ба фармонҳои аз Кобул воридшаванда. Сабабҳои

юриш ба Кашмир. Бо Ранҷит Сингх – шоҳи сикхҳо ҳамкорӣ кардани Фатҳхон ҳангоми ҳуҷум ба Кашмир. Ворид шудани лашкари Фатҳхон ба Кашмир ва Ато Муҳаммадро асир гирифтани ӯ. Аз асирии Ато Муҳаммадхон раҳоӣ ёфтани Шоҳ Шуҷоъ ва ба Панҷоб рафтани ӯ. Сард гардидани муносибатҳои Фатҳхон ва Ранҷит Синг. Дар Кашмир ноиби шоҳ таъин гардидани Муҳаммад Азимхон. бародари Фатҳхон.

Ба тарафи худ ҷалб намудани сардори яке аз қисмҳои ҳарбии Атток ва ишғоли яке аз роҳҳои калидии Панҷоб-Пешовар ва Кобул аз тарафи Ранҷит Синг. Муҳорибаи Фатҳхон ва Ранҷит барои ба даст даровардани Атток. Дар муҳорибаи Ҷазро аз тарафи Ранҷит ҷангидани Шоҳ Шуҷоъ бо дастаҳои афғон. Барор нагирифтани кӯшишҳои Фатҳхон бо роҳи гуфтушунид барои гирифтани Атток. Дар юриши зидди Ранҷит иҷозат гирифтани Фатҳхон аз Маҳмуд ва иштироки Шоҳ Маҳмуд дар он. Аз Дераҷот пеш карда шудани Шоҳ Шуҷоъ. Аз соҳилҳои дарёи Ҳинд баргаштани Шоҳ Маҳмуд ва маҷбур кардани вазир барои даст кашидан аз юриши зидди Ранҷит. Юришҳои Ранҷит ва Шуҷоъ ба Кашмир ва бе натиҷа анҷом ёфтани онҳо. Бемуваффақиятии Шоҳ Шуҷоъ ва нафақахури Ширкати Ҳиндустони Шарқӣ (Ост–Индия) гардидани он.

## 26. ВОҚЕАИ ҲИРОТ ВА МАРГИ ФАТҲХОН

Воридшавии қӯшунҳои Эрон ба Ҳирот. Кӯмак хостани Фирузуддин аз Шоҳ Маҳмуд. Ба Ҳирот фиристода шудани Фатҳхон. Аз ҷониби қӯшунҳои Фатҳхон ва Дӯстмуҳаммадхон ғорат гардидани Ҳирот. Ихтилофи Фатҳхон ва Дӯстмуҳаммад. Ба Кашмир фирор намудани Дӯстмуҳаммад. Норозигии Шоҳ Маҳмуд аз сардорони баракзай. Кӯшишҳои Комрон – писари Шоҳ Маҳмуд барои аз байн бурдани нуфузи Фатҳхон. Бо ин мақсад ба Ҳирот раҳсипор шудани Комрон ва Шоҳ Маҳмуд. Ваколат додани шоҳ Маҳмуд ба Комрон барои ба ҳабс гирифтани Фатҳхон. Бархурди қӯшунҳои Фатҳхон ва Эрон дар маҳалли Кӯҳсон ва захм бардоштани Фатҳхон. Комронро бо эҳтиром пешвоз гирифтани Фатҳхон. Бо фармони Комрон кӯр карда шудани Фатҳхон. Бар зидди шоҳ шӯриш бардоштани бародарони Фатҳхон.

Пешоварро ишғол намудани Дӯстмуҳаммад ва Муҳаммад Азим ва эълони писари Темуршоҳ – Айюб ба сифати шоҳ. Аз Пешовар ба Кобул раҳсипор шудани Дӯстмуҳаммад. Кобулро ба тасарруфи худ даровардани Дӯстмуҳаммад ва эълони шоҳии Султон Алӣ – яке аз писарҳои Темуршоҳ. Муттаҳид шудани қӯшунҳои Комрон ва Маҳмуд дар Қандаҳор. Кушта шудани Фатҳхон. Фиристодани ҷасади Фатҳхон ба қабристони Ғазнӣ.

## 27. СОЛҲОИ ПАРОКАНДАГИИ ФЕОДАЛӢ

Ҷазодиҳии Фатҳхон феодалони бузурги баракзайро барои бераҳмӣ. Ба тарафи бародарони Фатҳхон гузаштани сардорони қабилаҳои афғон. Шикасти юриши Комрон ва Маҳмуд ба Кобул. Ба Қандаҳор фирор намудани Комрон ва Маҳмуд. Қандаҳорро ба даст даровардани Пурдилхон – бародари Фатҳхон. Аз Қандаҳор ба Деҳлӣ кӯч бастани Комрон ва Маҳмуд.

Ба Кобул омадани Муҳаммад Азим бо Шоҳ Айюб. Шоҳ эълон гардидани Айюб ва вазир таъин шудани Муҳаммад Азим. Волии Ғазнӣ таъин шудани Дӯстмуҳаммад ва оғози муборизаҳои ӯ. Ҳоким шудани Муҳаммад Азим дар Кобул. Ба чандин мулкҳои феодалони мустақил тақсим шудани Афғонистон дар миёни баракзайиҳо.

И.М. Рейснер ва Г. Роуменсон оид ба заминдории бузурги феодалӣ дар Афғонистон. Заминдории бузурги феодалӣ ва муттаҳид кардани Афғонистон. Вазъи Афғонистон дар солҳои парокандагии феодалӣ.

## 28. ҒАСБКОРИҲОИ СИКХҲО ВА ЗАБТИ ПЕШОВАР

Ранҷит Сингх ҳамчун ҳукмрони давлат ва сарфармондеҳ (сарлашкар). Ранҷит ва артиши ӯ. Ғасбкориҳои сикхҳо дар мулкҳои Афғонистон. Ранҷитро дастгирӣ кардани англисҳо. Мултон ва Кашмирро забт намудани сикхҳо. Пешоварро ба тобеияти худ даровардани Ранҷит. Дар Пешовар ҳозир шудани Муҳаммад Азим. Ба Пешовар ворид шудани артиши доимамалкунандаи сикхҳо. Ҷиҳод эълон кардани қабилаҳои афғон бар зидди сикхҳо. Хабари расидани ҳамлаи қӯшунҳои

Ранҷит ба қалъаи Магинан. Пешоварро гузошта ба Магинан раҳсипор гардидани Маҳаммад Азим. Ҷанги нобаробари афғонҳо бо сикхҳо. Ғалабаи сикхҳо дар муҳорибаи Навшер. Аз Навшер ба Пешовар равон шудани Ранҷит. Ба мулкҳои Ранҷит табдил дода шудани Пешовар. Хислати умумихалқӣ гирифтани муҳорибаи Навшер дар байни мардуми афғон. Аз ҳудудҳои Афғонистон берун мондани Пешовар. Давом ёфтани ғасбкориҳои сикхҳо то марги Ранҷит Сингх.

## 29. ҲУКМРОНИИ ДӮСТМУҲАММАД ВА ҶАНГИ АНГЛИЯЮ АФҒОНИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1838 – 1842

Вафоти Муҳаммад Азим ва вазир таъин гардидани писари ӯ Хабибуллоҳ. Ба Кобул омадани Пурдилхон. Шоҳ Айюбро ба ҳабс гирифтани Пурдилхон ва ҳокимияти худро дар Кобул мустаҳкам кардан натавонистани ӯ. Бар зидди Ҳабибуллохон баромадани Дӯстмуҳаммад. Бо ёрии Ҳабибуллохон аз Қандаҳор ба Кобул омадани Шердилхон. Қалъаи Болоҳисорро ба даст даровардани Дӯстмуҳаммад. Натиҷа надодани ҷангҳои Дӯстмуҳаммаду Шердилхон. Сарварии Шердилхонро эътироф кардани бародарон Баракзайҳо ва тақсими мулкҳои Афғонистон дар байни онҳо. Юриши Шердилхон ба Синд ва натиҷаи он.

## 30. КОБУЛРО МУТЕИ ХУД КАРДАНИ ДӮСТМУҲАММАД

Бо ёрии қизилбоиҳо Султон Муҳаммадхонро аз Болоҳисор ба Пешовар рондани Дӯстмуҳаммад. Кобулро гирифтани Дӯстмуҳаммад. Бо мутеъ кардани Ғазнӣ ва Кӯҳистон ҳокими хони бузург гардидани Дӯстмуҳаммад. Кӯшишҳои Дӯстмуҳаммад барои мустаҳкам намудани ҳокимияти марказии худ.

## 31. ҚАБИЛАҲОИ АФҒОН ВА САИД АҲМАД

Саид Аҳмад ва қароргоҳи ӯ. Ҳари Сингх ва қабилаҳои афғони соҳили рости дарёи Ҳинд. Ба маркази муборизаи қабилаҳои афғон табдил ёфтани Синд бар зидди сикхҳо. Саид

Аҳмадхон ва муборизаи ӯ бо қабилаҳои афғон бар зидди сикхҳо. Аз Ҳинд ба Арабистон рафтани Саид Аҳмад (сафари ҳаҷ) ва ба Қандаҳор баргаштани ӯ. Гутушуниди Саид Аҳмадхон бо хонҳои баракзай. Розӣ кунонидани хонҳо ва қабилаҳои афғон дар ҷанги муқаддаси (ҷиҳоди) зидди сикхҳо.

Кӯшиши Саид Аҳмад барои ҷамъ кардани артиш. Пешоварро гирифтани Саид Аҳмад. «Саид Аҳмади хайрхоҳ ва ҳимоятгари дин». Сиёсати пешгирифтаи Саид Аҳмад. Суиқасди афғонҳои водии Пешовар бар зидди Саид Аҳмадхон ва аз Пешовар ронда шудани ӯ. Дар муҳорибаи Балокат кушта шудани Саид Аҳмад. Саид Аҳмадро иваз намудани Саид Акбар. Оғози ҳаракатҳои фаъоли зиддиафғонии англисҳо. Сикхҳоро дастгирӣ кардани англисҳо дар забткориҳои мулкҳои афғон.

## 32. МУБОРИЗАИ ДӮСТМУҲАММАД БАРОИ МУТТАҲИДСОЗИИ АФҒОНИСТОН

Кӯшишҳои Дӯстмуҳаммадхон барои муттаҳид намудани кишвар. Аз вазъияти ихтилофи байни қабилаҳои афғон истифода бурдани Дӯстмуҳаммад. Таъсиси артиши доимамалкунанда. Мустаҳкам гардидани ҳукумати Дӯстмуҳаммадхон дар такя бо қӯшунҳои доимамалкунанда. Ба нақшаҳои забткоронаи англисҳо монеа эҷод кардани ҳукумати Кобул.

Кӯшишҳои англисҳо барои халалдор кардани муттаҳидшавии Афғонистон таҳти роҳбарии Дӯстмуҳаммад. Шоҳ Шуҷоъро омода намудани Ширкати Ҳиндустони Шарқӣ ва ба Афғонистон равон кардани ӯ. Натиҷа надодани кӯшишҳои англисҳо барои ба тарафи Шоҳ Шуҷоъ ҷалб намудани ҳокими Ҳирот. Гуфтушуниди англисҳо бо Шоҳ Шуҷоъ ва Ранҷит Синкх барои ворид шудани Шоҳ Шуҷоъ ба Афғонистон. Созишномаи дустӣ ва иттифоқии Ранҷит ва Шоҳ Шуҷоъ. Зидди Дӯстмуҳаммад дар Афғонистон тухми низоъ коштани англисҳо. Бо аслиҳа ва пул таъмин намудани Шоҳ Шуҷоъ.

Аз Ҳинд ба Қандаҳор раҳсипор шудани Шоҳ Шуҷоъ. Бар зидди Шоҳ Шуҷоъ ба ҷанг баромадани Дӯстмуҳаммад. Задухурдҳои Қалъаи Азим ва аз майдони ҷанг фирор кардани Шоҳ Шуҷоъ. Пешоварро пурра бе ҷанг ишғол намудани

иттифоқи Шоҳ Шуҷоъ ва Ранҷит Сингх. Бар зидди сикхҳо ҷанги муқаддас (ҷиҳод) эълон кардани Дӯстмуҳаммад ва унвони амирулмуминин гирифтани ӯ. Барои ҷанг сарват ҷамъ кардани Дӯстмуҳаммад ва ба Пешовар ворид шудани ӯ. Бесамар анҷом ёфтани ҳуҷуми Дӯстмуҳаммад ба Пешовар. Харлони амрикоитаборро ҳамчун сафири худ ба назди Дӯстмуҳаммад фиристодани Ранҷит. Дар байни қӯшунҳои Дӯстмуҳаммад ошӯб бардоштани Харлон. Бо қувваҳои нобаробар аз бархурд худдорӣ намудани Дӯстмуҳаммад ва ба Кобул баргаштани ӯ.

## 33. КӮШИШҲОИ НАЗДИКШАВИ ДӮСТМУҲАММАД БО РУСИЯИ ПОДШОҲӢ

Кӯшишҳои Дустмуҳаммадхон пас аз даст додани Пешовар. Бо мақсади ба даст овардани Пешовар ва мулкҳои қабилаҳои пашту ба назди англисҳо сафорат фиристодани Дӯстмуҳаммад. Ранчит Сингх ва Шуҷоъро пушту паноҳ шудани англисҳо. Кумак пурсидани Дӯстмуҳаммад аз Русия ва Эрон. Фиристодани сафирони Дӯстмуҳаммад – Ҳусейн Алӣ ва Мирзо Муҳаммад ба назди Николайи I. Мактуби Амир Соҳиб (Дӯстмуҳаммад) ба императори рус Николайи I.

Генерал губернатори Ҳинд таъин шудани Окленд. Вазифадор намудани ширкати Ост – Индия Оклендро барои омӯзиши вазъи Афғонистон. Ба Окленд мактуб фиристодани Дӯстмуҳаммад. Бад шудани вазъи байналхалқии Афғонистон. Бад гардидани масъалаи Ҳирот дар муносибати миёни Англия, Эрон ва Русия.

## 34. ҚАБИЛАҲОИ АФҒОН ВА РАНҶИТ СИНГХ

Дар Пешовар мустаҳкам гардидани Ранҷит Сингх ва аз он ҷо ронда шудани қӯшунҳои Дӯстмуҳаммад. Ба қавми худ ҳуҷум кардани Ҳари Сингх. Сиёсати андозситонии сикхҳо дар мулкҳои қабилаҳои афғон. Шаклгирии феодализм дар мулкҳои қабилаҳои афғон. Дар сарҳадди Афғонистон сарфармондеҳ таъин гардидани Ҳари Сингх. Аз ҷониби Ранҷит ҳокими Пешовар таъин гардидани генерали итолиёвӣ Авитабил. Бархурди афғонҳо бо сикхҳо дар муҳорибаи қалъаи Ҷамрӯд. Бархурди қӯшунҳои Муҳаммад Акбархон бо Ҳари Сингх дар

шарқи Хайбар. Тавоноии худро нишон додани тарафҳо. Шикаст хурдани сикхҳо дар майдони ҷанг. Қӯшунҳои худро ба водии Пешовар даровардани Ранҷит. Даъвати Дӯстмуҳаммад ба Акбархон барои бозгашта омадан ба Кобул.

## 35. МУЛКҲОИ КОБУЛ ВА ҚАНДАҲОР

Афғонистон (Кобулистон) ва Дӯстмуҳаммад пеш аз ҳуҷуми англисҳо. Вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳарбии Афғонистон (Кобулистон) пеш аз ҳуҷуми англисҳо. Кобул ва ҷойгоҳи он дар Афғонистон пеш аз ҳуҷуми англисҳо.

Қандаҳор пеш аз ҳуҷуми англисҳо. Вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии Қандаҳор. Низоми андозбандӣ ва андозситонӣ дар Қандаҳор. Тараққиёти муносибатҳои феодалӣ дар Қандаҳор. Қӯшуни баракзайҳои ҳокимони Қандаҳор ва вазъи онҳо. Вазъи дохили Қандаҳор дар ин давра. Ёддоштҳои И. В. Виткевич оид ба вазъи Кандаҳор.

## 36. САФОРАТИ МАХСУСИ (МИССИЯИ) ВИТКЕВИЧ ВА ВАЗЪИ БАЙНАЛХАЛҚИИ АФҒОНИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1837 – 1838

Баромади иҷтимони И.В. Виткевич. Фиристодани сафирони Дӯстмуҳаммад аз Оренбург ба Петербург ва аз он ҷо то Афғонистон ҳамроҳӣ кардани Виткевич. Супоришоти Вазорати корҳои хориҷии (ВКХ) Русия Симонич ба Виткевич. Муҳтавои супоришоти ВКХ-и Русия. Ба Эрон омадани Виткевич ва аз он ҷо ба мулкҳои Афғонистон сафар намудани ӯ.

Пуршиддат гардидани вазъияти байналхалқии Афғонистон. Забти Ҳирот аз ҷониби шоҳи Эрон Муҳаммадшоҳ. Масъалаи Ҳирот ва тезу тунд гардидани муносибати Англия ва Эрон. Кумаки англисҳо ба Ҳирот. Супоришоти махсуси (миссияи) Александр Бёрнс дар Афғонистон. Натиҷаҳои миссияи А. Бёрнс. Натиҷаҳои миссияи И.В. Виткевич. Наздикшавии Русияи подшоҳӣ бо Британия ва барбод рафтани натиҷаҳои миссияи И.В. Виткевич. Забткориҳои англисҳоро тезонидани миссияи Виткевич ба Афғонистон.

## 37. ОМОДАГИИ АНГЛИСҲО БА ҲУҶУМ

Кӯшиши англисҳо барои истифода аз захираҳои ҳарбӣ ва моддии Панҷоб барои забти Афғонистон. Кӯшишҳои Ранҷит барои ба тобеияти худ даровардани Дӯстмуҳаммад. Номаи Бларамберг. Музокироти котиби корҳои хориҷии генерал-губернатори Ҳинд Вилям Макнотен бо Ранҷит Сингх дар Лоҳур.

Иттифоқи сегонаи (шартномаи сетарафаи) Макнотен, Ранҷит ва Шоҳ Шуҷоъ. Уҳдадории тарафҳо мувофиқи шартномаи сетарафа. Шоҳи Эронро танг кардани англисҳо бо мақсади даст кашидани Муҳаммадшоҳ аз муҳосираи Ҳирот. Омодагӣ ва ҳуҷуми қӯшунҳои ширкати Ҳиндустони Шарқӣ (Ост-Индия) ба Афғонистон ва бастани шартномаи сетарафа. Берун карда шудани қӯшунҳои шоҳи Эрон аз Ҳирот. Манифести (декларатсия) Окленд оид ба Афғонистон. Артиши Ҳинд ном гирифтани қӯшунҳои душман.

## 38. ОҒОЗИ ҶАНГИ АНГЛИСҲО

Ҳаракати қӯшунҳои ширкати Ҳиндустони Шарқӣ (Ост-Индия) ба Афғонистон. Ҳаракати қӯшунҳои ширкати Ҳиндустони Шарқӣ бо Шоҳ Шуҷоъ ба ҳудудҳои Синд. Шартномаҳои ширкати Ҳиндустони Шарқӣ бо амирони Синд. Фатҳи ниҳоии Ҳиндустон аз тарафи ширкати Ҳиндустони Шарқӣ. Истилои Синд, Мултон. Дар Кветта ҷамъ омадани ҷузъу томҳои «Артиши Ҳинд». Оғози ҳуҷуми «Артиши Ҳинд» ба Қандаҳор. Бо роҳи пул ба тарафи англисҳо ҷалб карда шудани феодалони бузурги афғон. Бо 10 ҳаз. рупияи ҳиндӣ гузаштани Ҳоҷихои Коқарӣ ба тарафи Шоҳ Шуҷоъ. Гурехтани ҳокими Қандаҳор – Куҳандилхон ба Эрон.

Тавзеҳи Шоҳ Шуҷоъ ва англиҳо дар «Таърихи Султонӣ» ва «Сироҷ-ат-таворих». Дар байни шоҳ ва англисҳо омода гардидани шартнома оид ба муносибатҳои дутарафаи оянда. Матни шартномаи англисҳо ва муҳтавои бандҳои он. Ба шартнома имзо гузоштани Шоҳ Шуҷоъ. Дар Қандаҳор эҳё гардидани тахти шоҳ Шуҷоъ. Дар вазъи ногувор қарор гирифтан ва тадбирҳо андешидани Дӯстмуҳаммад барои бартараф

кардани таҳдидҳо ба кишвар. Аз Пешовар ба Хайробод фиристода шудани Акбархон. Ҳимояи қалъаи Ғазниро таҳти роҳбарии худ гирифтани Ҳайдархон. Дар қисмати дурдасти Ғазнӣ роҳбарии қўшунҳои савораро ба дўш доштани Афзалхон. Дар Кобул мондани Дўстмуҳаммад ва ба ҷанги зидди англисҳо омода шудани он.

## 39. САРНАГУНИИ ҒАЗНӢ ВА ҲУҶУМИ АНГЛИСҲО БА КОБУЛ

Аз Қандаҳор ба Кобул равон шудани «Артиши Ҳинд». Дар роҳ зиддият нишон додани аҳолии маҳаллӣ. Нохушнудии мардум аз Шоҳ Шуҷоъ. Ба бошишгоҳи Шоҳ Шуҷоъ ҳамла овардани ғилҷойиҳо ва ба асорат афтодани ҷанговарон. Бо фармони Шоҳ Шуҷоъ ба шиканҷа гирифтани асирон. Норизогии мардуми Афғонистон нисбат ба амалҳои золимонаи Шоҳ Шуҷоъ.

Осебнопазирии қалъаи Ғазнӣ ва пайдо гардидани хиёнаткорони он. Мустаҳкам гардонидани қалъаи Ғазнӣ, бо маводи хўрокиву ҷангӣ таъмин гардидани он. Хабар овардани хоҳарзодаи амир Дўстмуҳаммад – Абдуррашид ба англисҳо дар мавриди бесангару посбон будани дарвозаҳои Кобул. Ҳуҷуми фармондеҳ Кин ба Ғазнӣ пас аз гирифтани маълумот. Тасарруфи Ғазнӣ ва ба хун оғушта кардани он. Сиёсати истилогаронаи ҷангҳои мустамликавӣ ва ахлоқи риёкоронаи (мунофиқии) масеҳии забткорон. Аз Ғазнӣ ба Кобул равон шудани Кин. Аз Пешовар ба Кобул раҳсипор шудани қисми низомии афсари англис Уэйд ва шоҳзода Темур.

Ба мудофиаи Хайбар фиристода шудани Акбархон. Аз Хайбар ба Кобул хонда шудани Акбархон. Дар Хайбар қалъаи Масҷиди Алиро гирифтани қисми низомии Уэйд ва шоҳзода Темур ва ба Кобул ҳаракат кардани онҳо. Омодагии қушуни амир Дўсмуҳаммадхон бар зидди англисҳо.Дар байни қўшунҳои амир Дўстмуҳаммад пайдо шудани хоинон ва харидашудагон. Қўшунҳоро тарк карда ба Бомиён рафтани Дўстмуҳаммад. Фиристода шудани капитан Утрам ва Ҳоҷихони Коҳарӣ барои таъқиби Дўстмуҳаммадхон. Барои исботи садоқати худ ба Дўстмуҳаммад таъқибкунандагонро ба ғафлат бурдани

Ҳоҷихони Кокарӣ. Аз Бомиён ба Шимол ҳаракат додани Дӯстмуҳаммад. Эҷод накардани монеаҳо барои англисҳо ва Шоҳ Шуҷоъ ба самти Кобул. Ба Кобул ворид шудани англисҳо ва раҳсипор шудани Шоҳ Шуҷоъ бо сафармондеҳон – Ҷон Кин ва Вилям Макнотен ба самти Болоҳисор. Шоҳро истиқбол нагирифтани халқ.

Ёддоштҳои муаррихи англис дар бораи омадани Шоҳ Шуҷоъ ба Кобул. Идораи дарбор ба ихтиёри шоҳ ва идораи мамлакат ба ихтиёри аҷнабиён гузаштан. Фориғбол гардидани аҷнабиён ва ба корҳои ғайриахлоқӣ даст задании онҳо. Муборизаи мардумони Афғонистон бар зидди истеъморгарони англис. Нақши тоҷикони Афғонистон дар муборизаҳо барои озодии кишвар.

## 40. ҲОДИСАИ ҲИРОТ ВА РАҲСИПОР ШУДАНИ ДӮСТМУҲАММАД БА БУХОРО

Шикасти Қандаҳор ва нобаробарии қувваҳо. Роҳи дипломатиро пеш гирифтани ҳокими Ҳирот Ёрмуҳаммад. Омадани Миссияи Макнотен бо сардории Тод ба Ҳирот. Гуфтушуниди Ёрмуҳммад бо англисҳо аз номи Комроншоҳ ва бастани «Шартномаи дӯстӣ» бо онҳо. Уҳдадор шудани англисҳо мувофиқи «Шартномаи дустӣ». Ҳадафҳои Ёрмуҳаммад аз бастани шартнома бо англисҳо. Аз нақшаи Ҳирот ба нақшаи Бухоро гузаштани англисҳо. Бо таъқиби Дӯстмуҳаммад ба соҳили чапи дарёи Ому ворид гардидани англисҳо.

Зиддият нишон додани тоҷикон ва узбакҳо ба англисҳо. Музокироти Дӯстмуҳаммад бо амири Бухоро ва шоҳи Эрон бо мақсади кӯмак гирифтан аз онҳо. Ба Бухоро равон шудани Дӯстмуҳаммад бо фарзандонаш Афзалхон, Акбархон ва дигар наздиконаш. Истиқболи самимонаи Дӯстмуҳамад аз тарафи сарлашкарони амир Насрулло. Фиреб хурдани Дӯстмуҳаммад аз интизориҳои доштааш.

# 41. АЗ БУХОРО БА ВАТАН БАРГАШТАНИ ДӮСТМУҲАММАД

Дар Бухоро таҳти назорат ва дар вазъи асирӣ қарор гирифтани Дӯстмуҳаммад. Кӯшишҳои амири Бухоро барои Дӯстмуҳаммадро ба Шоҳ Шуҷоъ таслим намудан. Хавф бурдани Дӯстмуҳаммад аз даъвати амир Насруллоҳ дар мавриди овардани аҳли оилаш аз Хулм ба Бухоро. Аз Бухоро ба Эрон равон шудани амир Дӯстмуҳаммад ва дар роҳ марги ӯро хостани амир Насруллоҳ. Ривояти марги амир Дустмуҳаммадро хостани амир Насруллоҳ дар «Сироҷ-ат-таворих». Бо сабаби сармои қаҳратун дар нимароҳ ба Бухоро баргаштани Дӯстмуҳаммад.

Аз Бухоро ба Ватан фирор кардани фарзандони Дӯстмуҳаммад – Афзалхон ва Акбархон бо қисми низомии ҷанговарони афғон. Дар роҳ аз тарафи қӯшунҳои ҳокимони Қаршӣ ва Чоруқчӣ дастгир ва ба Бухоро баргардонидани онҳо. Баъд аз ҳодисаи фирор бо иҷозати Насруллоҳ ба Хилм фиристода шудани фарзандони хурдии Дӯстмуҳаммад ва наздикони ӯ. Дар Бухоро нигоҳ дошта шудани Дӯстмуҳаммад бо фарзандони бузургаш. Аз Бухоро ба Шаҳрисабз фирор карда омадани Дӯстмуҳаммад. Истиқболи Дониёл Атолиқ ва Султон Маҳмудхон аз Дӯстмуҳаммад. Аз Шаҳрисабз ба Афғонистон баргаштани Дӯстмуҳаммад. Изтироби англисҳо аз омадани Дӯстмуҳаммад ба Кобул.

Зиёдшавии норозигии мардум ва пурзӯршавии зиддият аз забткорони аҷнабӣ дар Афғонистон. Оғози сар задани шӯришҳои пайдарпайи оммавӣ. Муборизаи ғилҷойиҳо таҳти роҳбарии Мусо, Гулмуҳаммад ва Абдурраҳмон. Дар муҳорибаҳо ғолиб омадани англисҳо. Сар задани ҳаракат ва шӯришҳо дар дигар манотиқи Афғонистон. Нокомиҳоро таҳаммул кардани англисҳо. Бар зидди аҳолии маҳаллӣ истифода бурдани тӯпҳои ҷангӣ.

Бо мақсади ба соҳили чапи дарёи Ому ворид шудан Бомиён ва Сайғонро забт намудани англисҳо. Муборизаи Дӯстмуҳаммад дар Бомиён ва Сайғон бар зидди англисҳо Ба ёрии англисҳо аз Кобул фиристода шудани қувваҳо бо сардории полковник Денни. Аз англисҳо шикаст хурдани дастаҳои чирикҳо. Раҳой

ёфтани Дӯстмуҳаммад аз англисҳо ва бо англисҳо шартномаи дӯстӣ бастани ҳокими Ҳулм. Ба Кӯҳистон рафтани Дӯстмуҳаммад ва ба муборизаи худ идома додани ӯ. Аз ҳисоби ҷанговарони тоҷики Кӯҳистон ташкил додани дастаҳои чирикӣ. Аз Ҳинд ёрӣ хостани англисҳо ва аз Кобул бар зидди Дӯстмуҳаммад равона гардидани қӯшунҳои эҳтиётии англисҳо таҳти роҳбарии генерал Сел. Дар Кӯҳистон рух додани ҷангҳои мардумӣ. Ҳуҷуми бобарори Дӯстмуҳаммад дар водии дарёи Ғурбанд ба қӯшуни савораи англисҳо. Талафоти бузурги англисҳо дар Кӯҳистон.

## 42. ТАСЛИМШАВИИ АМИР ДӮСТМУҲАММАД ВА ИДОМАИ МУБОРИЗАИ ХАЛҚИ АФҒОНИСТОН

Бо истодагарии (таъкиди) А. Бёрнс қӯшунҳои англисҳоро ба Чорикор овардани генерал Сел. Ба амал омадани вазъияти хатарнок дар Афғонистон ва ба мудофиаи Кобул гузаштани англисҳо. Таслими ғайричашмдошти Дӯстмуҳаммад ба англисҳо. Сабабҳои таслимшавии Дӯстмуҳаммад бо далелҳои муаррих ва шарқшиноси рус В.В. Григорев. Баёни ҳодисаи таслимшавии Дӯстмуҳаммад дар «Сироҷ-ат-таворих». Аз Афғонистон ба Ҳинд фиристода шудани амир Дӯстмуҳаммад. Муваққатан хомӯш истодани мардуми Афғонистон пас аз таслими Дӯстмуҳаммад.

Ҷангҳоии халқии баҳор ва тирамоҳи соли 1840. Хомӯш нагардидани ғазаби мардум дар мубориза бар зидди англисҳо. Созиш накардани афғонҳо бо англисҳо ба хотири аз даст надодани соҳибистиқлолӣ. Дар назди табақаҳои ҷомеаи афғон обрӯи худро резонидани Шоҳ Шуҷоъ. Зикр накардани номи Шуҷоъ дар хутбаҳои намози ҷумъа ва идҳо.

Гуруснагии зимистони солҳои 1840-1841 дар кишвар. Гуруснагӣ дар Кобул аз рӯи ёддоштҳои В.В. Григорев. Пурзӯр шудани норозигии аъёну ашроф, хонҳо ва сардорони қабилаҳои афғон. Бо талаби ҳукумати Англия хароҷотҳои истилогарони худро кам кардани ширкати Ҳиндустони Шарқӣ дар Афғонистон. Бархестани тамоми табақаҳои ҷомеаи Афғонистон бар зидди англисҳо.

## 43. ШӮРИШИ 2 НОЯБРИ СОЛИ 1841 ДАР КОБУЛ

Ошкоро ва ё пинҳонӣ алоқа кардани хонҳо ва роҳбарони қабилаҳои афғон барои омодагӣ ба шӯриш. Шӯриши Кобулро ба пой хезондани ғилҷоиҳо. Муборизаи генерал Сел бар зидди шӯришгарони ғилҷоӣ. Таҳти ҳуҷуми ғилҷоиҳо қарор гирифтани қӯшунҳои генерал Сел дар Гандумак. Ҷоннок гардидани муборизаи озодихоҳонаи мардуми Афғонистон. Ба муҳосира гирифтани бинои қароргоҳи намояндаи Британия А. Бёрнс ва бошишгоҳҳои афсарони англисҳоро дар Кобул, шаби 2 ноябри соли 1841. Иштироки оммавии аҳолии шаҳр дар шӯриши Кобул. «Мунтахаб-ат-таворих»-и Муҳаммад Ҳакимхон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ оид ба воқеаи мазкур. Ҳикояти Муҳаммад Ҳакимхон оид ба шӯриши мардумӣ дар Кобул.

Аз Болоҳисор фиристода шудани қисми низомии шоҳӣ таҳти сарфармондеҳии Кембел барои фурӯ нишонидаи шӯриш, Фиристодани қисми низомии Шелтон аз Шерпур ба Кобул. Ба дасти шӯришгарон афтодани пойтахт. Анборҳои маводи озуқаи афсарони англисро ба яғмо бурдани афғонҳо. Ёддоштҳои англис Ҷ. Лоренс ва мушоҳидаҳои мароқангези ӯ. Роҳи ҳилаву найрангро пеш гирифтани англисҳо. Кор нагирифтани макру ҳилаи англисҳо.

Аз Бухоро ба Кобул омадани Акбархон ва Муҳаммадхон. Роҳбарии шӯришро ба Акбархон супоридани Муҳаммад Замонхон. Бо шӯршичиён шартнома бастани Макнотен ва ёриро интизор шудани ӯ аз Ҳинд. Қасди марги раҳбар ва ташабускори шӯриш Акбархон ва Аминуллоҳи Лугариро кардани Макнотен. Аз дасти Акбархон кушта шудани Макнотен. Баъд аз Макнотен роҳбарии сиёсии англисҳоро ба уҳда гирифтани Поттинҷер. Дар миёни англисҳо пайдо шудани тарсу ҳаррос пас аз кушта шудани Макнотен. Миёни англисҳо ва сардорони шӯриш баста шудани шартномаи нав (1 январи соли 1842). Шартнома ва шартҳои он.

## 44. АҚИБНИШИНИИ АНГЛИСҲО АЗ КОБУЛ

Оғози ақибнишинии қисмҳои ҳарбии (гарнизони) англисҳо ба Ҳинд (6 январи соли 1842). Азият дидани англисҳо аз сармо

ва ҳуҷумҳои гурӯҳҳои ҷангии афғон ба онҳо. Занону кӯдакони асирро таҳти ҳимояи худ гирифтани Акбархон. Гаравгон гирифтани англисҳо барои наҷоти Дӯстмуҳаммад ва оилаи ӯ. Раҳм накардани афғонҳо ба ақибнишинҳои гарнизони Кобул. Ҷангҳои партизанӣ (чирикӣ) бурдани афғонҳо бар зидди англисҳо. Баъд аз ба гарав гирифтани Элфинстон, роҳбарии амалиёту ақибнишиниро ба уҳда гирифтани генерал Анкетил. Аз Кобул то ба Ҷалолобод аз дасти ҷанговарони гарнизони Кобул ҷон ба саломат бурдани англис доктор Брайдон. Гурӯҳҳои ҷангии афғон ва аз аҷнабиёни англис (фаранг) озод кардани дигар шаҳру навоҳии Афғонистон. Ҷалолободро муҳосира кардани Акбархон. Ҳуҷуми афғонҳо ба Қандаҳор ва қалъаи Ғазниро озод кардани онҳо аз англисҳо.

## 45. ХАРОБ ГАРДИДАНИ КОБУЛ ВА БАРОВАРДАНИ ҚӮШУНҲОИ АНГЛИС АЗ АФҒОНИСТОН

Баъд аз рафтани қӯшунҳои аҷнабиён (англисҳо) созиш кардани Шоҳ Шуҷоъ бо роҳбарони шӯриш ва баъзе гурӯҳҳои феодалон. Майл ба англисҳо кардани Шоҳ Шуҷоъ ва бо наздикшавӣ ба англисҳо аз Кобул ба Ҷалолобод равон шудани ӯ. Дар роҳ ба Шоҳ Шуҷоъ ҳуҷум кардани Замон Давлат ва ба қатл расонидани ӯ. Генерал-губернатори Ҳинд таъин шудани Элленбор ва аз Ҷалолободу Қандаҳор бозхонд намудани гарнизонҳои англис ба Ҳинд. Аз Пешовар ба Ҷалолобод омадани қӯшунҳои генерал Поллок. Гуфтушунид бо Акбархон оид ба Поллок ва имкони берун кардани гарнизонҳои англис аз Афғонистон ва баргардонидани Дӯстмуҳаммад аз асорати англисҳо.

Баъди марги Шоҳ Шуҷоъ ба тахти шоҳӣ нишастани Фатҳ Ҷанг. Болоҳисорро гирифтан ва вазифаи вазирро ишғол кардани Акбархон. Ба генерал Поллок мактуби пинҳонӣ фиристодани Фатҳ Ҷанг ва даъвати ӯ ба Кобул. Ба дасти Акбархон афтодани мактуб ва ҳабс гардидани Фатҳ Ҷанг. Мактуб фиристодани Элленбор ба Нот ва Поллок ва дастури нав додани ӯ ба онҳо. Ҳаракати қӯшунҳои Нот ва Поллок ба самти Кобул дар моҳи августи соли 1842. Кобулро гирифтани қӯшунҳои Нот ва Поллок. Эҳёи тахти Фатҳ Ҷанг дар Болоҳисор. Ба хок яксон

гардидани Кобул ва ғорат гардидани аҳолии он аз ҷониби фарангиҳо (англисҳо). Ёддоштҳои афсарони англис Ален ва Гринвуд оид ба ин воқеа. Мулкҳои Афғонистонро аз шӯришиён тоза кардани англисҳо. Аз Кобул ба Ҳинд раҳсипор шудани қӯшунҳои Поллок ва Нот.

Аз тахт даст кашидани Фатҳ Ҷанг ва бо англисҳо ба Ҳинд рафтани ӯ. Ба тахти шоҳии Афғонистон Шоҳпурро овардани англисҳо. Аз шимоли Афғонистон ба ҷанг баромадани Акбархон ва аз пойтахт фирор кардани шоҳ Шоҳпур. Баргашти қӯшунҳои англисҳо аз Кобул ба Ҳинд гурези буздилона буд ё баромади ихтиёрӣ? Дар ақибнишинӣ даст ба хоробкорӣ ва ғорат задании англисҳо.

Дӯстмуҳаммадро озод кардани англисҳо ва дубора ба қудрат омадани ӯ. Хотима ёфтани ҷанги солҳои 1838-1842. Баҳои муаррихи афғон Саид Қосмими Риштиё ба хислати ҷанги солҳои 1838-1842 ва муборизаи қаҳрамононаи мардуми афғон дар шикаст додани истилогарони англис дар Афғонистон.

## 46. МУТАҲҲИДШАВИИ АФҒОНИСТОН ВА ОМОДАГИИ АНГЛИСҲО БА ХУҶУМИ НАВБАТӢ

Сиёсати муттаҳидкуниро пеш гирифтани Дӯстмуҳаммад пас аз дубора ба тахт омаданаш. Барқарорсозиҳои баъдиҷангӣ дар кишвар. Ба сулҳу оромӣ ниёз доштани Афғонистон. Эътимод накардан ба ашхоси дар дарбори Шуҷоъ хизматкарда. Фарзандони худро ҳокими мулкҳои Афғонистон таъин кардани Дӯстмуҳаммад. Аввал вазир, сипас ҳокими Ҷалолобод таъин шудани Акбархон. Аз баргардонидани мулкҳои забтгардидаи афғон даст накашидани Акбархон. Бо мақсади фатҳи Боҷвар лашкар кашидани сардор Афзалхон ва вазир Акбархон – писарони Дӯстмуҳаммад. Вафоти Акбархон (соли 1846, дар синни 30-солагӣ). Ҳокимияти мустақили Қуҳандихон ва Ёрмуҳаммадхон дар Қандаҳор ва Ҳирот. Диққати ҷиддии Дӯстмуҳаммад барои барқароркунии қӯшунҳо ва муттаҳидгардонии мулкҳои тоҷикон ва узбакони соҳили чапи дарёи Ому. Нақши лашкари амир дар ин самт.

# 47. ОХИРИН КӮШИШИ ДӮСТМУҲАММАД БАРОИ БАРГАРОНДАНИ ПЕШОВАР ВА СИЁСАТИ ПЕШГИРИФТАИ Ӯ ДАР ШИМОЛИ МАМЛАКАТ

Синдро забт кардани ширкати Ҳиндустони Шарқӣ ва бо артиши сикхҳо ҷангидани он. Бо мақсади баргаронидани Пешовар аз душманӣ ба дӯстӣ гузаштани Дӯстмуҳаммад бо сикхҳо. Бо Чаттар Сингх – волии сикхҳо шартнома бастан ва ба мактуби Аббот – афсари ширкати Ҳиндустони Шарқӣ ҷавоб навиштани Дӯст Муҳаммад. Шикаст хурдани сикҳо аз англисҳо ва ҳамроҳ гардидани Панҷоб ба Ҳинд. Таҳти ҳукми англисҳо гузаштани мулкҳои афғоннишини давлати сикхҳо. Дар Ҷанубу Шарқ умедро аз даст додани Дӯстмуҳаммад ва сиёсати худро дар Шимол фаъол намудани ӯ. Пароканадагии феодалиро бартараф кардани забткориҳои Дӯстмуҳаммад дар хонигариҳои хурди соҳили чапи дарёи Ому. Дар ҳудудҳои хонигариҳои соҳили чапи дарёи Ому ташкил ёфтани вилояти Туркистони Афғонистон. Бо забткориҳои худ дар Шимол ба мунокиша афтодани Дӯстмуҳаммад бо амири Бухоро ва шоҳи Эрон.

Дарс нашудани ҷанги солҳои 1838-1842 барои англисҳо ва нақшаи нави забти Афғонистонро кашидани онҳо. Вазъияти байналхалқӣ ва мавқеъи англисҳо бо Дӯстмуҳаммад. Дастигирии амир Дӯстмуҳаммад ба мақсади истифода бурдани он бар зидди Эрон ва Русия. Ба англисҳо наздик шудани Дӯстмуҳаммад. Воқеаҳои солҳои 1851-1854 дар Ҳирот ва наздик шудани Дӯстмуҳаммад бо англисҳо. Ба ҳам омдани намояндагони тарафҳо дар Пешовар. Ғулом Ҳайдархон ва Лоуренс. Дар байни намояндагони Афғонистон ва Англия баста шудани созишнома. Матн ва муҳтавои шартнома.

Қандаҳорро ба Кобул тобеъ намудани Дӯстмуҳаммад баъди марги Куҳандилхон. Ҳиротро забт кардани қӯшунҳои шоҳи Эрон ва сар задании мунокишаи Англияву Эрон. Ҷанги Англияву Эрон ва мавқеи Афғонистон дар он. Баста шудани сулҳ миёни Англия ва Эрон ва аз даъвои Ҳирот даст накашидани шоҳи Эрон. Дар Ҳирот ҳокимиятро ба даст гирифтани Султон Аҳмадхон. Муборизаи Дӯстмуҳаммадхон ва англисҳо барои Ҳирот. Шӯриши солҳои 1857-1859 (Сипоҳиён) ва тайғир ёфтани низоми идоракунӣ дар Ҳиндустон.

Баста шудани шартнома миёни Дӯстмуҳаммад ва ширкати Ҳиндустони Шарқӣ (26 январи соли 1857 дар Пешовар). Матн ва муҳтавои шартонамаи дуюм. Норозигии аъёну ашроф ва сардорон нисбати сиёсати пешгирифтаи Дӯстмуҳаммад. Наздикшавӣ бо англисҳо. Сиёсати худро давом додани Дӯстмуҳаммад ва напазируфтани экспедитсияи Хуросон. Экспедитсияи Хуросонро напазируфтани волии Ҳирот Султон Аҳмадхон. Бо бастани шартномаҳо тағйир наёфтани муносибати мардуми афғон нисбат ба англисҳои забткор. Ақидаи Невилл Чемберлен оид ба муносибати афғонҳо ва англисҳо. Кӯшишҳои воридшавии Чемберлен ба Афғонистон ва ба ҷанги нав омодагӣ гирифтани англисҳо.

## 48. СИЁСАТИ «САРҲАДҲОИ БАСТА» (ДАРҲОИ БАСТА) ВА ҚАБИЛАҲОИ АФҒОН

Сабабҳои ба тарафи худ ҷалб намудани англисҳо Дӯстмуҳаммадро (солҳои 50 – уми XIX). Сиёсати сарҳаддии англисҳо дар шимолу ғарби Ҳинд. Сиёсати «Дарҳои баста»-ро пеш гирифтани англисҳо дар муносибат бо қабилаҳои кӯҳии афғон. Ташкил карда шудани аввалин экспедисияи ҷазодиҳандаи англисҳо бар зидди қабилаҳои афғон баъд аз ғасби Панҷоб. Сарҳадшиканӣ кардани англисҳо ва бар хилофи доктринаи сиёсати «дарҳои баста» будани он.

Шӯриши Ҳинд ва сиёсати дарҳои бастаро пеш гирифтани англисҳо. Афғонҳо ва шӯриши Ҳинд. Шӯриши Ҳиндро пахш кардани англисҳо ва дар деҳаҳои сарҳаддии афғоннишин пароканда карда шудани сипоҳиёни шӯриш. Баъд аз пахши шӯриш нисбати қабилаҳои наздисарҳадии афғон сиёсати «дарҳои баста»-ро пеш гирифтан ва аз экспедисияи ҷазодиҳӣ истифода бурдани англисҳо. Қабилаҳои афғонии соҳили чапи дарёи Ҳинд ва бародарони муборизи диниро ҷазо додани англисҳо.

Систонро гирифтани бародарони муборизи дин дар солҳои 1861-1862. Нигаронии англисҳо аз «ваҳобиҳо» ё худ «мутаассибони ҳиндӣ». Аз байн бурдани манбаъҳои ҳаракати «ваҳобӣ» аз ҷониби генерал Чемберлен. Бархурди қӯшунҳои генерал бо қабилаҳои афғон. Сиёсати эҳтиёткоронаро пеш

гирифтани англисҳо дар муносибат бо қабилаҳои афғонии шимолу ғарбии Ҳинд.

## 49. ИНТИҲОИ ҲУКМРОНИИ ДӮСТМУҲАММАД ВА ҲОДИСАҲОИ СИЁСИИ СОЛҲОИ 1863-1869

Ҳирот ва таърихи сиёсии Афғонистон дар солҳои 1863-1869. Супоришоти махсуси (миссия) Тейлор. Пешниҳоди Тейлор ба султон Аҳмадхон оид ба сарпарастӣ кардани Англия дар Ҳирот. Вазифаҳои (уҳдадориҳои) худро анҷом надодани миссияи Тейлор. Сабабҳои нокомии миссияи Тейлор.

Аз истилои Ҳирот худдорӣ кардани шоҳи Эрон. Ҳиротро истило кардани Дӯстмуҳаммад (1862). Ҳамроҳшавии Ҳирот ба Афғонистон. Вафоти Дӯстмуҳаммад - "Амири кабир". Давлати аз худ боқимондаи Дӯстмуҳаммад. Шоҳ эълон шудани Шералихон. Эътирофи ҳукумати шоҳии Шералихон ва муборизаи бародарон барои тахту тоҷ. Муборизаи Муҳаммад Афзалхон.

Сиёсати дарҳои пӯшидаро ҷонибдорӣ кардани ноиби шоҳи Ҳинд Ҷон Лоуренс ва сиёсати англисҳо дар Афғонистон. Кобул ва Қандаҳорро ғасб намудани Муҳаммад Афзалхон ва вафоти ӯ дар Кобул (7-уми октябри соли 1867) Ҳукуматро ба даст гирифтани Муҳаммад Аъзамхон. Ҳуҷуми Шералихон ба Қандаҳор, Ғазнӣ ва Кобул. Аз Кобул ба шимоли Афғонистон фирор намудани Муҳаммад Аъзамхон. Ғалабаи Шералихон аз болои Аъзамхон ва Абдурраҳмонхон.

## 50. ДАВЛАТИ АФҒОНИСТОН ДАР ЗАМОНИ ҲУКМРОНИИ ШЕРАЛИХОН

Мустаҳкам шудани тахти шоҳӣ ва ҳокимияти марказии Шералихон. Бо англисҳо алоқа барқарор намудани Шералихон. Вохӯрии Шералихон бо ноиби шоҳи Ҳинд лорд Майо дар шаҳри Амбали Ҳиндустон. Ба худ уҳдадорӣ гирифтани тарафҳо. Ислоҳотро пеш гирифтани Шералихон. Низоми андозҷамъкунии Шералихон. Сиёсати ғасбкуниро барқарор намудани Шералихон. Даромади солонаи хазинаи Шералихон.

Марказҳои бузурги тиҷоратии Афғонистон ва нақши онҳо дар ғанигардонии хазинаи шоҳӣ. Норозигии мардум аз низоми андозгирии Шералихон. Кӯшишҳои Шералихон барои ҷоннок кардани низоми идории маъмурӣ. Ба муваффақият ноил шудани Шералихон дар мустаҳкамсозии қувваҳои ҳарбии давлатӣ.

Норасоии силоҳ ва фармони Шералихон оид ба ҳалъи силоҳ дар байни аҳолӣ. Гузаштан аз ҷалбкунӣ ба уҳдадории ҳатмии ҳарбӣ. Амалӣ нагардидани низоми уҳдадории ҳарбии умумӣ. Аз англисӣ ба пашту тарҷума шудани низомномаи ҳарбӣ (военный устав). Ислоҳоти фарҳангии Шералихон. Чопи аввалин рӯзнома дар Афғонистон. Ислоҳоти Шералихонро халалдор кардани нақшаҳои нави англисҳо барои ворид шудан ба Афғонистон. Хислатҳои мусбии Шералихон ҳамчун инсон ва ҳамчун роҳбар.

## 51. СИЁСАТИ ИСТИЛОГАРОНАИ АНГЛИСҲО ДАР АФҒОНИСТОН

Вазъи байналхалқии Афғонистон дар солҳои 70-уми асри XIX. Тағйирёбии сиёсати "дарҳои баста". Вусъатёбии сиёсати ҳамлагароёнаи англисҳо ба Афғонистон дар сеяки охири асри XIX. Нақшаи ҳаракатҳои ҳарбии англисҳо дар Афғонистон ва Осиёи Миёна. Ҳуҷуми худро пинҳон кардани англисҳо зери таҳдиди воридшавии русҳо ба Ҳинд. Дар миёни Британия ва Русия мондани Афғонистон. Бастани шартномаҳо дар мавриди Афғонистон миёни Русия ва Британия.

Пойгоҳи англисҳо қарор гирфтани калъаи Кветта. Пешниҳоди талаботҳои Ноиби шоҳи Ҳиндустон лорд Литтон ба Шералихон оид ба таъсиси идораи намояндагии худ дар Афғонистон. Кӯшишҳои Шералихон барои ба даст овардани кӯмак аз Русия. Супоришоти махсуси намояндаи (миссияи) Русияро пазируфтани Шералихон. Тасвири рафти воқеаи вохӯрӣ аз ҷониби яке аз аъзоёни миссия И.Л. Яворский.

Дар конфронси Берлин ба ҳам наздик шудани Англия ва Русияи шоҳӣ оид ба бархурди манофеи онҳо. Қабули сафорати Англия аз ҷониби Шералихон. Аз қабули сафорати Англия даст кашидани Шералихон ва баҳонаи ҷанги соли 1878 гардидани он.

## 52. ҶАНГИ ДУЮМИ АНГЛИЯ ВА АФҒОНИСТОН

Ҳуљуми англисҳо ба Афғонистон ва самтҳои асосии он. Аввалин бархурди англисҳо бо афғонҳо. Муҳорибаи Масҷиди Алӣ ва нобаробарии қувваҳои тарафҳо. Муҳорибаи ағбаи Шутургардан ва афзалиятро ба худ гирифтани англисҳо. Муроҷиати Шералихон ба амалдори англис оид ба ҳуҷуми онҳо ба Афғонистон. Ба Шимоли Афғонистон фиристода шудани аҳли оилаи Шералихон. Қандаҳор ва Ҷалолободро ишғол намудани англисҳо. Ашрофон, феодалон ва сарфармондеҳони афғонро ба тарафи худ кашидани англисҳо. Ба мақсади ба тахт овардани Яъқубхон суиқасд ташкил кардан ба Шералихон. Кобулро ба Яъқубхон гузоштани Шералихон ва бо миссияи Русия ба Мазори Шариф омадани он. Беморӣ ва фавти Шералихон дар Мазори Шариф.

## 53. ТАСЛИМИ АМИР ЯЪҚУБХОН

Кӯшишҳои Яъқубхон барои мустаҳкам намудани тахти шоҳии худ бо ёрии англисҳо. Дар Гандумак бастани шартномаи асоратовар дар байни Яъқубхон ва ваколатдори ҳукумати англо-ҳиндӣ, майор Каванярӣ. Бо шартҳои шартномаи Гандумак ба мустамликаи Британия табдил ёфтани Афғонистон. Дар Кобул барқарор гардидани қароргоҳи англисҳо таҳти роҳбарии майор Луи Каванярӣ. Ба анҷом расидани давраи аввали ҷанги дуюми англо-афғонӣ. Бо барқарорсозии қароргоҳ идораи давлатро ба даст гирифтани англисҳо. Афғонҳоро ба ғазаб овардани барқарорсозӣ ва фаъолияти (ҳузур ва рафтори) қароргоҳи англисҳо дар Афғонистон.

## 54. ШӮРИШ ДАР КОБУЛ

Ба вуҷуд омадани вазъияти шиддатнок дар Афғонистон ва пойтахти он. Дар Кобул шӯриш бардоштани аскарони афғон. Қароргоҳи англисҳоро муҳосира кардани аскарони афғон. Ба ҳуҷум гузаштани афғонҳо. Қатли англисҳо бо сардории Каванярӣ. Расидани хабари шӯриш ва ҳалокати миссия ба гӯши англисҳо. Бар зидди ғасбкорони мустамликадор бархестани

тамоми мардуми Афғонистон. Аз кушта шудани англисҳо дар Кобул руҳбаланд гардидани ҳиротиҳо. Ташкилёбии қӯшунҳои ихтиёрӣ ва чирикиҳо бар зидди англисҳо. Дар урдугоҳи генерал Робертс дар Шутургардан, дар деҳаи Қӯша, паноҳ бурдани амир Яъқубхон. Муҳорибаи баландии Чоросиё ва нобаробарии қуввaҳо. Кобулро гирифтани қӯшунҳои генерал Робертс.

## 55. АНГЛИСҲО ДАР КОБУЛ

Болоҳисорро гирифтани генерал Робертс ва эълон доштани баёнияи (эъломияи) худ ба мардуми афғон. Робертс ва эъломияи ӯ. Таъқиби шӯришиён дар Кобул. Ташкилёбии комиссияи тафтишотӣ ва ҳарбӣ-мурофиавӣ. Пурзӯршавии терроркунӣ ва ҷазодиҳии оммавӣ дар Афғонистон. Ҳикояи як афғон – шоҳиди воқеаҳои ҷазодиҳии англисҳо дар “доираи марг”. Аз англисҳо зарар дидани на танҳо аҳолӣ, инчунин ба хок яксон гардидани Кобул. Харобшавии Болоҳисор дар сарчашмаи таърихии "Сироҷ-ат-таворих". Нарасонидани кумак ба Каваняр ва гунаҳкор донистани шудани Яъқубхон. Ба Ҳинд бадарға карда шудани Яъқубхон.

## 56. ҶАНГИ ХАЛҚӢ

Бераҳмиҳои англисҳо дар Афғонистон. Чеҳраи аслии худро нишон додани англисҳо бо сарнагун кардани амир. Бо террор ва ҷазодиҳӣ ба англисҳо муяссар нашудани мустаҳкамкунии ҳокимияти худ дар кишвари ғасбгардида, вале саркаш. Бар зидди англисҳо мубориза бурдани чирикиҳои қабилаҳои афғон ва тоҷикони Кӯҳистон. Маркази муборизаи афғонҳо қарор гирифтани Ғазнӣ. Нақши Муҳаммад Ҷонхон ва Динмуҳаммад дар ташкили кувваҳои афғонҳо. Ташкили чирикҳои Кӯҳистон, Лугар ва дигар ноҳияҳои Афғонистон.

Аз ҷониби генерал Робертс ба Ғазнӣ фиристода шудани қӯшунҳои генерал Бекер. Аз нокомӣ ба ҳаробкориҳо даст задани генерал Бекер. Ба сӯи Кобул раҳсипор гардидани дастаҳои чирикӣ. Аввалин бархурдҳои афғонҳо бо англисҳо. Задухурдӣ ғайричашмдошти генерал Масс бо қӯшунҳои Муҳаммад Ҷонхон. Муайян гардидани комёбиҳои афғонҳо ва

барбод рафтани нақшаҳои генерал Робертс. Муҳорибаи ҳалкунандаи Кӯҳи Осмоӣ ва бо ғалабаи афғонҳо анҷом ёфтани он. Ба пойтахт наздик омадани чирикҳои генерал Ғулом Ҳайдархони Чархӣ ва қӯшунҳои генерал Муҳаммад Ҷонхон.

Кобулро ба муҳосира гирифтани қӯшунҳои чаговарони озодибахши Афғонистон (15-уми декабри соли 1879). Озодкунии пойтахт аз аҷнабиёни фарангӣ (англис). Дар Шерпур камин гирифтани генерал Робертс, дубора Болоҳисорро гирифтани ӯ (4-уми январи соли 1880). Ноустувор будани мавқеи англисҳо дар Афғонистон. Амалӣ нагардидани нақшаҳои ба даст овардани Афғонистон ба осонӣ. Бо Абдурраҳмонхон – набераи Дӯстмуҳаммад алоқа барқарор намудани англисҳо. Тарҳи нав рехтани англисҳо оид ба тобеъ кардани Афғонистон. Ивазшавии ҳукумат дар Англия ва ивазшавии сиёсати ғасбгаронаи англисҳо нисбат ба Афғонистон. Сиёсати қаблиро пеш гирифтани ҳукумати нави Британия.

## 57. БОЗГАШТИ АБДУРРАҲМОН БА АФҒОНИСТОН

Ҳамкории Абдурраҳмон бо ҳукумати Русияи подшоҳӣ. Тағийр ёфтани вазъият дар Афғонистон ва бозгаштани Абдурраҳмон ба кишвар.

Ба волии Бадахшони Афғонистон – Мир Шаҳзода Ҳасан мактуб навиштани Абдурраҳмон. Ҷавоби ғайричашмдошти Абдурраҳмонхон аз Шоҳзода Ҳасан. Фиристода шудани гурӯҳи саворагон дар муқобили Абдурраҳмонхон бо роҳбарии Бобохон. Дар деҳаи Рустоқи Файзобод Абдурраҳмонро пешвоз гирифтани Бобохон ва ҳамроҳ шудани ӯ бо Абдурраҳмонхон бар зидди Мир Шоҳзода Ҳасан. Аз Бадахшон ба Кашмир фирор кардани Шаҳзода Ҳасан ва дар Бадахшон ҳокимияти худро пойдор кардани Абдурраҳмон.

Дар Шимоли Афғонистон ҳамчун рақиби Абдурраҳмон баромад намудани генерал Ғулом Ҳайдархони Вардак ва ҳуҷуми ӯ ба Қатаған. Ба тарафи Абдурраҳмон гузаштани қӯшунҳои Ғулом Ҳайдархон ва ба Бухоро фирор кардани ӯ. Таъсиси қӯшуни сершумор ва аз бархурд бо англисҳо худдорӣ кардани Абдурраҳмонхон.

Норохатии англисҳо аз ҳуҷуми Абдурраҳмон аз Шимол ва чирикҳои Ғазнӣ аз Ҷануб. Аз вазъи ногувор раҳо кардани қӯшунҳои Робертс қӯшунҳои генерал Доналд Стюартро аз Қандаҳор ба Кобул. Дар роҳ Ғазниро ишғол намудани генерал Доналд Стюарт ва ба Кобул расидани ӯ. 2-юми майи соли 1880 Қатъ нагардидани оташи ҷанги ҳалқӣ. Барои раҳоӣ ёфтан аз вазъият ба сари тахт овардани Абдурраҳмонхон аз тарафи ҳукумати Гладстон. Абдурраҳмонро амири Кобул эътироф кардани англисҳо ва кӯмаки пулӣ, молӣ, ҳарбӣ расонидани онҳо ба ӯ. Баъзе шартҳои шартномаи Гандумакро бекор ва баъзе аз онро эътироф намудани Абдурраҳмон. Таҳти идораи англисҳо гузаштани пешбурди сиёсати ҳориҷии Афғонистон.

## 58. КӮШИШҲОИ АНГЛИСҲО БАРОИ ҶУДО КАРДА ГИРИФТАНИ ҚАНДАҲОР АЗ АФҒОНИСТОН

Нақшаи англисҳо барои ҷудо намудани Кандаҳор аз Афғонистон ва таъсиси ҳукумати мустақили Қандаҳор бо роҳбарии Шералихони Қандаҳорӣ. Унвони "валӣ" дода шудан ба Шералихон 11-уми майи соли 1880. Бар зидди англисҳои дар Қандаҳорбуда омодагӣ дидани Айюбхон. Барои саркӯб намудани Айюбхон Шералихонро ҳамчун бозичаи даст истифода бурдани англисҳо.

Омадани Айюбхон ба Фарроҳ ва ба тарафи ӯ гузаштани аскарони Шералихон. Аз англисҳо кӯмак хостани Шералихон. Кӯмаки англисҳо ба Шералихон барои паҳн нагардидани юриши Айюбхон. Ба Гиришк омада расидани қӯшунҳои англис ва дар соҳилҳои дарёи Ҳилманд ҷой гирифтани онҳо бо қӯшунҳои Шералихони Қандаҳорӣ.

Ҳуҷуми Айюбхон ва пешвоз гирифтани аҳолӣ аз ӯ ҳамчун наҷотдиҳанда аз зулми англисҳо. Саркашӣ кардани қӯшунҳои Шералихон, тӯпҳо ва лавозимоти ҷангиро гирифта ба тарафи Айюб хон гузаштани ӯ. Шикасти артиши Шералихон. Дигаргун шудани вазъи ҳарбӣ-сиёсӣ дар Қандаҳор ва аз Гиришк ба Кӯшки-Наҳуд кӯч бастани англисҳо. Ба сифати камингоҳ интихоб шудани Майванд аз тарафи генерал Берроуз барои зарба задан ба қӯшунҳои Айюбхон.

## 59. МУҲОРИБАИ НАЗДИ МАЙВАНД

Дар деҳаи Майванд камин гирифтани қӯшунҳои Айюбхон. Муҳорибаи машҳури Майванд (27 июли соли 1880). Ба ҳуҷум гузаштани афғонҳо. Роҳи гурезро пеш гирифтани англисҳо Саркӯб карда шудани афғонҳо. Ба анҷом расидани муҳорибаи назди Майванд ва кушта шудани аз панҷ се ҳиссаи қӯшунҳои генерал Берроуз.

Инъикоси муҳорибаи назди Майванд дар “Сироҷ-ут-таворих”. Нақш ва аҳамияти муҳорибаи назди Майванд дар ҳаёти сиёсӣ ва адабиёти афғонӣ. Гуфтушуниди англисҳо бо Абдурраҳмон барои дастгирии муҳосирашудагон ва аз Кобул ба Қандаҳор фиристода шудани қӯшунҳои англис. Қандаҳорро гузоштан ва ба Ҳирот баргаштани Айюбхон.

## 60. ИНТИҲОИ ҶАНГ ВА ПУРЗӮР ГАРДИДАНИ ҲУКМИ АБДУРРАҲМОН ДАР ТАМОМИ ҚАЛАМРАВИ АФҒОНИСТОН

Қандаҳорро тарк кардани англисҳо ва ба намояндаи Абдурраҳмон гузоштани он. Аз ҳудудҳои Афғонистон бароварда шудани тамоми қӯшунҳои англисҳо ва ба анҷом расидани ҷанги дуюми Англия ва Афғонистон. Гузашт кардани англисҳо аз товони ҷангии генерал Робертс, ки пас аз кушта шудани Каваниярӣ барои аҳолии Кобул муайян карда шуд буд.

Дар саҳнаи сиёсии Афғонистон пайдо шудани Айюбхон ва даъвои тоҷу тахт кардани ӯ. Қандаҳорро ишғол кардан ва бар зидди Абдурраҳмон фатво додани аъёну ашрофи маҳаллӣ барои ҷиҳод. Бархурди қӯшунҳои тарафҳо ва дар байни қӯшунҳои Айюбхон ба миён омадани бетартибӣ. (22 сентябри соли 1881) Аз вазъият истифода бурдани Абдурраҳмон ва ба Ҳирот фирор кардани Айюбхон. Ба Ҳирот ҳуҷум кардани Абдулқуддусхон. Пас аз якчанд нокомиҳо Ҳиротро соҳиб шудани ӯ. Муттаҳид карда шудани мулкҳои Афғонистон дар атрофи Абдурраҳмонхон баъд аз ишғоли Ҳирот. Сиёсати дохилӣ ва хориҷии амир Абдурраҳмон.

## 61. ҲУКМРОНИИ АМИР АБДУРРАҲМОН ВА ТАБДИЛЁБИИ АФҒОНИСТОН БА “КИШВАРИ ПӮШИДА”

Натиҷагирӣ аз ҷангҳои солҳои 1838-1842 ва 1878-1880. Афғонистонро дар ҳолати таҷрид (изолятсия) нигоҳ доштани Англия. Ба бозори ашёи хом ва молҳои арзони Англия ва Ҳинди мустамликавӣ мубаддал гардидани Афғонистон. Чора андешидани Абдурраҳмон оид ба молҳои арзони Ҳинди Британиёӣ. Ба роҳ мондани муносибатҳои тиҷоратии Афғонистон бо Русия дар давраи амир Абдурраҳмон.

Воридоти молҳои кишоварзӣ, саноатӣ ва натиҷаи он барои тараққиёти Афғонистон. Монеа эҷод кардани империализми Англия ба муносибатҳои фарҳангӣ ва хоҷагидории афғонҳо. Тадбирҳои судманди тиҷоратию иқтисодӣ ба кор нагирифтани Абдурраҳмон бо кишварҳои дигар. Сиёсати қавмгароиро пеш гирифтани Абдурраҳмонхон нисбат ба халқиятҳои дигари Афғонистон.

## 62. СИЁСАТИ ДОХИЛИИ АМИР АБДУРРАҲМОН

Барои роҳ надодан ба пурзӯршавии таъсири Англия дар Афғонистон сиёсати тозакуниро (изолятсия) пеш гирифтани Абдурраҳмон. Сиёсати Абдурраҳмонхон дар мавриди муттаҳидсозии кишвар бо феодалони ҷудоихоҳ. Чораҳо оид ба бехатарии роҳҳои корвонгузар. Ислоҳоти ягонаи пулӣ, вазн ва ченак дар тамоми ҳудуди Афғонистон. Нақш ва мавқеи худро нигоҳ доштани аъёну ашрофони қабилаҳои афғон.

Баёния (мурочиатнома)-и Абдурраҳмон пас аз муайян кардани сарҳадҳои шимолу ғарбии Афғонистон бо Русияи подшоҳӣ. Кӯчонидани қабилаҳои афғон ба ноҳияҳои аҳолинишини ғайрипаштун. Ба тиҷорат машғул шудани қабилаҳои афғон ва амир Абдурраҳмон. Баъзе соҳаҳои савдоро инҳисорӣ кардани Абдурраҳмон ва тоҷири бузург гардидани он. Сиёсати тиҷоратиро ҷорӣ кардани Абдурраҳмон ва роҳ надодани ӯ ба хориҷиён барои машғул шудан ба тиҷорат дар Афғонистон. Боло рафтани нақши тоҷирони афғон дар тиҷорат. Роҳ наёфтани феодалон ба идоракунии давлат. Пӯрзур

гардидани мавқеи давлат дар корҳои идории давлатӣ дар давраи амир Абдурраҳмонхон.

## 63. СИЁСАТИ ХОРИҶИИ АМИР АБДУРРАҲМОН ВА РАҚОБАТИ АНГЛИЯВУ РУСИЯИ ПОДШОҲӢ

Дар сиёсати хориҷии худ истифода бурдани Абдурраҳмонхон аз зиддияти Англия ва Русия. Барои васеъ кардани ҳудудҳои Афғонистон диққати Абдурраҳмонро ба шимол ҷалб кардани англисҳо ба мақсади дур намудани даъвои Абдурраҳмон аз мулкҳои афғоннишини соҳили ғарбии дарёи Ҳинд ва истифода бурдан аз онҳо бар зидди Русия дар ҳолати рух додани ҷанг. Тезу тунд шудани муносибатҳои Русия ва Англия (солҳои 80-уми асри XIX). Идомаи забткориҳои Русия дар Осиёи Миёна. Ба миён омадани масъалаи Марв ва нақши Афғонистон дар он. Ба миён омадани муноқиша миёни Русия ва Англия барои муайян кардани сарҳадоти байни Русияи подшоҳӣ ва Афғонистон ва истифода бурдани англисҳо аз он. Ба Ҳирот ҳозир шудани комисияи англо-русӣ ва фаъолияти он.

Инъикоси воқеаи солҳои 1885-1886-и Ҳирот дар "Сироҷ-ут- таворих". Масъалаи воҳаи (оазис) Пенд. Барои ҳимояи Пенд фиристода шудани ноибсолор Темуршоҳ. Бархурди қӯшунҳои афғон ва бетарафии қӯшунҳои англис дар муҳорибаи Тош-Купрук. Ба миён овардани ихтилоф миёни волии Ҳирот Саиддинхон бо полковники англис Бет дар муайян кардани сарҳад байни Афғонистон ва Русия ва пеши роҳи онро гирифтани Абдурраҳмон. Вайрон шудани муносибатҳо миёни Англия ва Русия ва сар задани хатари ҷанг дар минтақа. Роҳи дипломатиро пеш гирифтани Русия ва Англия ва ба ҳайати Русия ҳамроҳ карда шудани воҳаи Пенд. Баста шудани шартномаи сарҳаддии Афғонистон дар байни Англия ва Русия. Нақши Абдурраҳмон дар барқарорсозии муносибатҳои дӯстона ва ҳамсоягӣ бо Русияи подшоҳӣ.

## 64. МУБОРИЗАИ АБДУРРАҲМОН БО АНГЛИСҲО БАРОИ МИНТАҚАИ ҚАБИЛАҲОИ ОЗОДИ АФҒОН

Баъд аз мунокишаи соли 1885 диққати асосиро ба марз бо Ҳинд додани Абдурраҳмонхон. Кӯшиши Абдурраҳмон барои ба мулкҳои худ ҳамроҳ кардани Минтақаи қабилаҳои озоди афғон. Дар Минтақаи қабилаҳои озоди афғон (МҚОА) сиёсати душманона (таҷовузкорона) бурдани англисҳо (солҳои 80-уми асри XIX). Аз ҷониби англисҳо ғасб карда шудани минтақаи мухтори қабилаҳои афғон бо мақсади истифода бурдан ҳамчун пойгоҳи ҳарбӣ бар зидди Афғонистон ва Осиёи Миёна. Муборизаи англисҳо бо Афғонистон барои ба даст овардани минтақаҳои сарҳадӣ. Муборизаи қабилаҳои наздисарҳадии Минтақаи қабилаҳои озоди афғон бар зидди англисҳо ва кумак ҷустани онҳо аз амир Абдурраҳмон. Гуфтушуниди Абдурраҳмон бо маликҳои қабилаҳои Минтақаи қабилаҳои озоди афғон. Ҷудоихоҳон ва ҷангҷӯёни МҚОА-ро дастгирӣ кардани англисҳо ва ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил шудани онҳо. Дар ММҚА ташкил шудани хонигариҳои мустақил ва ҳамкорӣ кардани онҳо бо англисҳо. Ҳамаи афғонҳоро ба мутаҳидшавии миллӣ ва ба ҷанги муқаддас (ҷиҳод) бар зидди забткорони аҷнабӣ даъват намудани амир Абдурраҳмон. Тезу тунд шудани муборизаи амири Афғонистон бо забткорони англис дар Минтақаи қабилаҳои озоди афғон (дар солҳои 90-уми асри XIX).

## 65. ХАТТИ ДЮРАНД ВА ҚАБИЛАҲОИ АФҒОН

Талаби ҳукумати англис аз амир барои даст кашидан аз даъвои МҚОА. Барои ба Кобул раҳсипор шудан ва додани талаби қатъӣ (ултиматум) ба амир. Фармон гирифтани генерал Робертс. Ба миён омадани хатари сар задани ҷанг. Бо роҳбарии М. Дюранд ба Кобул фиристода шудани сафорати англисҳо. Таҳти фишори дипломатӣ ва ҳарбӣ имзо шудани созишномаи

Дюранд аз тарафи амир Абдурраҳмон. Тасдиқ намудани гузариши қисми заминҳои МҚОА[2] ба ҳайати Ҳинди Британиёӣ.

Дар Кобул ҷамъ омадани сардорони қабилаҳои наздисарҳадӣ ва ба шартнома имзову муҳр гузоштани онҳо. Зиддияти мусаллаҳонаро ба миён овардани нуфузёбии англисҳо ва дар он иштирок намудани қабилаҳои афғони МҚОА. Муқобилият нишон додани Вазиристон ва дар ҷанубу шарқи он дидбонгоҳ таъсис додани англисҳо. Дахолат кардани Абдурраҳмон ва умед доштани ӯ аз қабилаҳои наздисарҳадӣ дар идома додани зиддият бо англисҳо. Дар Ванои Вазиристон ба ҳуҷум гузаштани афғонҳо ва ба он ҷой фиристода шудани қӯшунҳои англис бо фармондеҳ Локхарт.

Ба комиссияи сарҳадии англис муқобилият нишон додани амир ва қӯшунҳои он. Созишномаро ба инобат нагирифтани қабилаҳои паштуи ба Ҳинд ҳамроҳкардашуда. Ба Афғонистон ҳамроҳ карда шудани ҳамаи заминҳои қабилаи мумандро аз англисҳо талаб намудани сипаҳсолор Ғулом Ҳайдархон. Водии Нитаро ишғол намудани сипаҳсолор Ғулом Ҳайдархон ва ба ихтилофи муносибатҳои Англияву Афғонистон оварда расондани он.

## 66. МУНОҚИШАИ ЧИТРОЛ

Аз сиёсати англисҳо даст кашидани ҳокими Ҷандел ва ба тарафи Абдурраҳмон гузаштани он. Ҳукумати Умархонро дар Ҷандел ва хонигарии Дирро эътироф намудани Абдурраҳмон. Ба Читрол ҳуҷум намудани Умархон. Дар Читрол кушта шудани Низомулмулк ва бо дастнишондаи афғонҳо Шер Афзал баста шудани шартнома. Ҳокими Читрол таъин гардидани Шер Афзал ва Читролро тарк намудани агенти (дастнишонда) сиёсии англис Робертс. Ба Ҳинд фиристода шудани Робертс ва дар бораи вазъи Читрол ба ноиби шоҳи Ҳинд маълумот додани ӯ. Фаъол гардидани сиёсати мустамликадории англис дар Шимол пас аз воқеаи Читрол. Барои пойдор намондани ҳукумати Шер Афзал ва Умрахон дар Читрол ба он ҷо фиристода шудани қувваҳои ҳарбии англис таҳти фармондеҳии генерал Лоу.

---

[2] МҚОА - минтақаи қабилаҳои озоди афғон

Ба қабилаҳои афғон баёния фиристодани англисҳо ва ба Малаканд ҳаракат намудани онҳо. Ба Читрол ворид шудани генерал Ло. Кушта шудани Шер Афзал ва ба Кобул фирор намудани Умархон. Дар Дир тахтро ба Муҳаммад Шарифхон баргардонидани англисҳо ва бо ӯ шартнома бастан оиди кушода нигоҳ доштани роҳ аз Чакдара то Ашрет. Фаъолияти комиссияи сарҳадии англисҳоро мушкил ва халалдор кардани воқеаи Читрол. Дар байни сипаҳсолор Ғулом Ҳайдархон ва сардори комиссияи сарҳадии англис Удни оид ба муваққатан боз доштани фаъолияти комиссия ба имзо расонида шудани созишнома. Тасдиқи гузашти сиёсии Кофиристон ба Афғонистон мувофиқи шартҳои шартномаи Дюранд дар созишнома.

## 67. КОФИРИСТОН ВА ЗАБТИ ОН

Мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофии Кофиристон. Пайдоиши "кофирон" ва Кофиристон. Қабилаҳои бузург ва қадимаи кофирон. Мансубияти забонӣ ва нажодии кофирон. Муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва заминдории кофирон. Тақсимоти меҳнат дар байни кофирон бо назардошти синну сол ва мансубияти ҷинсӣ. Муносибатҳои авлодӣ ва муносибатҳои ҷамоавии молу мулкӣ. Нақши шуро дар идораи ҷамъияти кофирон. Анъанаҳои дастаҷамъонаи кофирон ва сохти ҷамъиятии онҳо. Маҷлиси айшу тараб: "ҷаст", "молбар", "урир ҷаст". Эътиқоди динии кофирон. Нақши худоёни Имра, Гиша, Юш ва фиристодаи онҳо Монӣ дар ҳаёти кофирон.

Нақшаи ҳуҷуми Абдурраҳмонхон ба Кофиристон. Зимистони солҳои 1895-1896 ба Кофиристон фиристода шудани қӯшунҳои амир. Аз Панҷшер, Асмара, Бадахшон ва Лағмон ба Кофиристон ҳаракат намудани ислом. Баъд аз қабули ислом ба Нуристон иваз гардидани номи Кофиристон.

## 68. ШӮРИШИ СОЛИ 1897-И ҚАБИЛАҲОИ АФҒОН

Масъалаи муайянкунии сарҳад дар заминҳои қабилаи муманд ва ба ду қисм тақсим шудани онҳо. Сар задани қиёми зиддианглисии қабилаҳои афғон ва аввалин шуда сар боло кардани вазириҳо. Ҳуҷуми афғонҳо ба қӯшунҳои англисии дар

Малаканд ва деҳаи Маддихел буда. Нақши қабилаҳои вазирӣ ва мардонагӣ нишон додани афридиҳо бар зидди англисҳои забткор. Дар байни шӯришбардоштагон паҳн гардидани баёнияи Абдурраҳмон оид ба даъвати ӯ ба муборизаи зидди англисҳо. Бо Кобул алоқа пайдо кардани роҳбарони шӯриш ва аз он ҷо яроқ, пул ва дастур гирифтани онҳо. Дар Вазиристон бо роҳбарии мулло Повинда ва дар Свата бо роҳбарии фақир Саъдулло вусъат ёфтани шӯриш.

Бо дастаҳои калони низомӣ ба Свата ворид шудан ва аҳолии осоиштаро ғорату бенаво кардани хони Дир – Муҳаммад Шариф. Бар зидди англисҳо ва Муҳаммад Шариф ҷанги муқаддас (ҷиҳод) эълон кардани фақир Саъдулло. Ҷамъ омадани ҳазорҳо нафар афғон ва ҳуҷуми онҳо ба қалъаи Малаканд ва Чакдара. Маҳаллаҳои сарҳадиро фаро гирифтани шӯриш. Бар зидди шӯришбардоштагон артиши 80-ҳазорнафараи худро фиристодани англисҳо. Тамоми ҳудудҳои дар асоси шартномаи Дюранд гузаштаро зери итоати худ гирифта натавонистани англисҳо.

## 69. АБДУРРАҲМОН ВА СОЛҲОИ ОХИРИ ҲАЁТИ Ӯ

Ба беморӣ гирифтор шудани Абдурраҳмон ва имконияти шахсии идораи давлатро аз даст додани ӯ. Маргро ҳис кардани Абдурраҳмон ва фарзандонашро дар атрофи худ дар Кобул нигоҳ доштани ӯ. Васияти Абдурраҳмон ба фарзандонаш ва баланд бардошта шудани нақши Ҳабибуллохон.

Барои ба тахт нишастан омодагӣ гирифтан ва идораи муассисаҳои давлатиро ба даст гирифтани Ҳабибуллохон. Фарзандони худ, аҳли дарбор, шахсони муҳимми вазифадор ва маликҳои (раисҳои) Кобулро даъват кардани Абдурраҳмон ва аз онҳо талаб кардани эътирофи Ҳабибуллохон ҳамчун валиаҳд. Эҳтиром ба ҷо овардани ҷамъомадагон. Вафоти Абдурраҳмон шаби 1октябри соли 1901.

Дар қасри Боғи Боло амир эълон гардидани Ҳабибуллохон ва бо ҷасади Абдурраҳмон ба арки Кобул омадани ӯ. Садоқат нишон додани қӯшунҳо ва ба хок супорида шудани Абдурраҳмон. Эълони расмии Ҳабибуллохон дар масҷиди ҷомеъ ба ҳайси амир ва ба сари ӯ тоҷ гузоштани бародараш –

Насруллохон. Ислоҳотҳои Ҳабибуллохон ва эътироф гардидани ҳукми ӯ бар тамоми ҳудудҳои Афғонистон.

## 70. АФҒОНИСТОН ДАР ИБТИДОИ АСРИ XX. ВАЗЪИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ АФҒОНИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1901-1904

Баъд аз ба сари қудрат омадани Ҳабибуллохон пурзӯр гардидани таъсири дипломатии англисҳо аз болои Афғонистон. Идома додани сиёсати падарро ба англисҳо ваъда додани Ҳабибуллохон. Бо фишор аз Ҳабибуллохон гузаштҳо талаб кардани ноиби шоҳи Ҳинд лорд Керзон. Масъалаи аз нав дида баромадани созишномаҳои байни Англияву Афғонистон. Баъд аз ба қудрат расидани Ҳабибуллохон таҷдиди назар кардани созишномаи бастаи Абдурраҳмон. Даъват шудани Ҳабибуллохон ба Пешовар аз тарафи ноиби шоҳи Ҳинд лорд Керзон оид ба ин масъала. Аз тарафи Ҳабибуллохон лозим надонистан ва рад шудани бознигарии шартномаҳои байни Англияву Афғонистон.

Ноустувор гардидани вазъи дохилии Афғонистон дар солҳои аввали ба сари қудрат омадани Ҳабибуллохон. Вориси тахт ва сипаҳсолор таъин шудани бародари Ҳабибуллохон – Насруллохон. Дар ҳалли масъалаҳои Афғонистон бештар нуфуз пайдо кардани Насруллохон ва аз бародари худ ҳарос намудани Ҳабибуллохон. Полиси пинҳонкор ва низоми ҷосусии дохилӣ ҷорӣ намудани Ҳабибуллохон (баҳори соли 1902).

Зимистони бебарф, хушксолӣ, гуруснагӣ ва густариши вабо дар Афғонистон. Омӯзиши низоми ҷангӣ ба ҷанговарони дар маҳалҳои қабилаҳои дурронихо ва ғилҷойиҳо қарордошта. Ба салоҳияти намояндагони обрӯманди қабилаҳо додани масъалаи ҳалли мушкилоти қабилаҳо. Таъсиси шуроҳо дар Кобул. Хашми англисҳоро овардани алоқаҳои Ҳабибуллохон бо пешвоёни қабилаҳои афғонии Минтақаи қабилаҳои озоди афғон (МОҚА) ва иддаои соҳибихтиёрӣ кардани он. Кӯшишҳои бо давлатҳои ҳамсоя ба роҳ мондани муносибатҳои тиҷоратӣ ва Афғонистонро аз инзиво-изолятсия баровардани Ҳабибуллохон.

## 71. МИССИЯИ ДЭН

Вазъи байналхалқӣ дар соли 1904 ва суст гардидани нуфузи Русияи подшоҳӣ дар ҷанг бо Ҷопон. Пурзур гардидани фаъолияти империалистони англис дар Шарқи Миёна. Ба Кобул фиристодани миссияи Дэн. Вазифаҳои миссияи Дэн. Уҳдадориҳои Дэн ва сиёсати хориҷии Афғонистон. Масъалаҳои хатти роҳи оҳан ва телеграф. Кӯшишҳои Дэн барои барқарор кардани муносибатҳои расмӣ. Пешниҳоди иловаҳо ба шартномаи байни Англияву Афғонистон ва кӯшиши ба мустамлика табдил додани он. Барномаи шартномаи Керзон ва онро напазируфтани Ҳабибуллохон. Ба талаботҳои англисҳо талаботи иловагӣ пешниҳод кардани афғонҳо. Лоиҳаи шартномаи худро пешниҳод намудани Ҳабибуллохон. Ба роҳи сарбаста рафтани гуфтушунидҳо ва ба Англия бозхонд шудани миссияи Дэн. Баъд аз нокомиҳо барномаи шартномаи Ҳабибуллохонро қабул намудани англисҳо (21 марти соли 1905).

